**ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ОМӮЗГОРИИ ТОҶИКИСТОН**
**БА НОМИ САДРИДДИН АЙНӢ**

*Бо ҳуқуқи дастнавис*

**ТДУ: 327 (5)**
**ТКБ: 66**
**Т- 76**

**ТОШОВ ҲОҶИАКБАР МУҲИДИНОВИЧ**

# МАСЪАЛАҲОИ ТАЪМИНИ АМНИЯТИ МИНТАҚАВӢ ДАР ОСИЁИ МАРКАЗӢ

## АВТОРЕФЕРАТИ

диссертатсия барои дарёфти дараҷаи доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050200 – Сиёсатшиносӣ (6D050204 – Проблемаҳои сиёсии муносибатҳои байналмилалӣ, инкишофи глобалӣ ва минтақавӣ)

**ДУШАНБЕ – 2025**

Диссертатсия дар кафедраи сиёсатшиносии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ омода гардидааст.

| | |
|---|---|
| **Роҳбари илмӣ:** | **Бедилзода Ҳусайн Кабут –** номзади илмҳои сиёсӣ, дотсент, мудири шуъбаи масоили сиёсии муносибатҳои байналмилалии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон |
| **Муқарризони расмӣ:** | **Муҳаммадзода Парвиз Абдураҳмон** – доктори илмҳои сиёсӣ, профессори кафедраи дипломатия ва сиёсати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Донишгоҳи миллии Тоҷикистон |
| | **Қобилов Муҳаббатшо Замирович** – доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси муносибатҳои байналмилалӣ, декани факултети муносибатҳои байналмилалии Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода |
| **Муассисаи пешбар:** | Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав |

Ҳимояи диссертатсия 14-уми июни соли 2025, соати 10:00 дар ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.КОА-079 назди Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон (734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 33) баргузор мегардад.

Бо диссертатсия дар китобхонаи илмии ба номи Индира Гандии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон (734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 33) ва сомонаи расмии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови АМИТ (www.ifppanrt.tj) шинос шудан мумкин аст.

Автореферат «____» ___________ соли 2025 фиристода шуд.

Котиби илмии
шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои сиёсӣ Сангинов Н.Н.

## МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Дар замони муосир мавҷудияти ҳар гуна таҳдидҳо ба таҳкими амният, рушди ҷомеа ва давлат таъсири манфӣ мерасонанд. Онҳо ҳамчун омили асосии заиф гардидани заминаҳои истиқлоли давлатӣ, ба амал омадани нооромии иҷтимоӣ ва бесуботии соҳаҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодии кишварҳои алоҳида баромад мекунанд. Таҳдидҳо дар замони муосир бештар фарогиртар ва глобалӣ буда, ба ҷанбаҳои гуногуни ҷомеа таъсир расонида, ҳамаи он зуҳурот ва омилҳои таъсиррасон, аз қабили терроризм, экстремизм, қочоқи маводи мухаддир ва аслиҳа, ҷинояткории фаромиллӣ, хариду фуруши одамон ва ғайраро дар бар мегиранд. Аз ин рӯ, омӯхтани табиати таҳдидҳо ва роҳҳои бартараф кардани онҳо дар шароити кунунӣ масъалаи мубрами таҳқиқоти илмӣ ба шумор меравад.

Дар ҷаҳони мутамаддин айни ҳол таҳдидҳои терроризм ва экстремизм қувват гирифта, бевосита ба ҳаёти рӯзмарраи инсоният таъсири манфӣ мерасонанд. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон моҳи январи соли 2016 зимни ироаи Паёми навбатии худ ба масъалаи терроризм ва экстремизм таваҷҷуҳ зоҳир намуда, чунин таъкид кардаанд: «...имрӯз терроризм ва экстремизм ҳамчун вабои аср ба амнияти ҷаҳон ва ҳар як сокини сайёра таҳдид карда, барои башарият хатари на камтар аз силоҳи ядроиро ба миён овардааст. Мубориза бо терроризм ва экстремизм фароҳам овардани фазои боварӣ, эҳтиром ба манфиатҳои ҳамдигар ва муттаҳид шудани ҳамаи кишварҳои дунёро дар пешорӯи ин хатари умумӣ тақозо менамояд» [2].

Гарчанде, ки башарият дар қарни гузашта ба як қатор кашфиётҳо ва дастовардҳои барҷастаи илмию техникӣ ноил гардид, аммо дар баробари ин ба таҳдидҳои зишттарин ва падидаҳои фоҷеабори иҷтимоӣ – терроризми фаромиллӣ, экстремизми динӣ ва сепаратизми этникӣ, ки имрӯзҳо ба аҳолии

сайёра хатари бузургро эҷод намудааст, рӯ ба рӯ гардид. Охирҳои асри XX ва ибтидои асри XXI масъалаҳои паҳншавии терроризм ва экстремизм, муқовимат бо ин зуҳурот аз ҷумлаи масъалаҳои мубрам барои кишварҳои алоҳида ва ҷомеаи ҷаҳонӣ ба шумор рафта, ба яке аз мавзуъҳои мубрами таҳқиқшаванда мубаддал гардидааст.

Бо дуруст дарк намудани мафҳум ва моҳияти шаклҳои муосири зуҳури таҳдидҳо, алалхусус терроризм ва экстремизм, ҳамзамон зарур аст, ки ин масъаларо мавриди таҳлили амиқтар қарор дода, сабабҳои зуҳурёбӣ, паҳншавӣ, механизми пешгирӣ, бартарафкунӣ ва решакан кардани он муайян карда шавад.

Дар минтақаи Осиёи Марказӣ низ масъалаи таҳдидҳо, аз қабили терроризм ва экстремизм ба яке аз мушкилоти аввалиндараҷа мубаддал гардида, барои рушди кишварҳои минтақа таъсири манфӣ мерасонад. Дар ин росто, кишварҳои минтақа дастаҷамъона дар доираи созмонҳои байналмилаливу минтақавӣ муборизаро бар зидди чунин зуҳуроти номатлуб ба роҳ монда, бо пайгирии ҷомеаи ҷаҳонӣ санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ, барномаҳо ва стратегияҳои милливу минтақавӣ таҳия ва қабул намудаанд, ки барои боз ҳам тақвият бахшидани ҳамкориҳои минтақавӣ замина мегузорад.

Фаъолияти гурӯҳҳо ва созмонҳои алоҳидаи террористӣ ва экстремистӣ дар қаламрави ин ё он кишвар дар ниҳояти кор оқибатҳои нохушро ба бор хоҳад овард. Зеро дар ҳама маврид он метавонад ба амнияти давлату миллат таъсири манфӣ расонад. Дар асри XXI таҳдиду хатари созмону гурӯҳҳои террористӣ ва экстремистӣ бинобар сабаби таҳаввулоти сиёсии ҷаҳонӣ басо назаррас гардидааст. Айни замон як қатор созмону гурӯҳҳои террористӣ ва экстремистие, ки аз ҷониби кишварҳо ва созмонҳои байналмилалӣ фаъолияти онҳо мамнуъ эълон шудааст, ба кишварҳои Осиёи Марказӣ таҳдидҳои бавосита ва бевосита мерасонанд. Бо назардошти ин ҳолат, фаъолияти созмонҳои террористӣ ва экстремистӣ, ба монанди «Ҳаракати исломии Ӯзбекистон», «Ал-Қоида», «Ҳаракати Толибон», «Давлати исломӣ», «Ҳизб-ут-таҳрир», «Бародарони

мусулмон», «Ҳаракати исломии Туркистони Шарқӣ» ва «Ҷамоати Ансоруллоҳ», дар таҳқиқот мавриди омӯзиш қарор дода шудааст.

Пас аз шуруъ гардидани амалиёти зиддитеррористии ИМА ва НАТО дар қаламрави Афғонистон аз соли 2001, фаъолияти созмонҳои болозикр дар минтақа то дараҷае коста гардида бошад ҳам, вале то ба имрӯз таъсири хатарзои онҳо боқӣ мондааст. Алалхусус барои кишварҳои минтақа таҳдидҳо аз Афғонистон баъди ба сари қудрат омадани «Толибон» бештар гардидаанд. Дар ин замина, Президенти мамлакат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон чунин ибрози андеша намудаанд: «Суботу оромии ҳамсоякишварамон – Афғонистон барои мо мисли обу ҳаво зарур аст ва Тоҷикистон аз рӯзҳои аввали соҳибистиқлолӣ талош меварзад, ки дар ин кишвари дӯст сулҳи пойдор барқарор гардад» [3].

Ҳамзамон, қувваҳои террористӣ баъзан барои пешбурди фаъолияти сиёсати хориҷии давлатҳои абарқудрат ҷиҳати ноил гардидан ба ҳадафҳои геополитикии худ дар арсаи ҷаҳонӣ истифода мешаванд. Дар ин замина, вобаста ба таҳдидҳои терроризм ва экстремизм, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми навбатии худ чунин ибрози назар намуданд: «... дар шароити торафт мураккаб гардидани вазъи ҷаҳони муосир, густариш пайдо кардани зуҳуроти ниҳоят хатарноки асри нав - терроризм ва экстремизм, вусъати бесобиқаи бархӯрди манофеи абарқудратҳо барои аз нав тақсим кардани ҷаҳон ва вобаста ба ин, боз ҳам печидаву муташанниҷ гардидани вазъи сиёсии сайёра, инчунин шиддат гирифтани бухрони молиявию иқтисодӣ дар бисёр кишварҳои олам мушоҳида мегардад» [2].

Бо назардошти манфиатҳои миллӣ ва таъмини сулҳу субот дар минтақа, кишварҳои Осиёи Марказӣ бо сохторҳои байналмилаливу минтақавӣ, аз ҷумла СММ, САҲА, ИДМ, СААД, СҲШ ва ғайра ҳамкориҳои мутақобилан судмандро ба роҳ мондаанд. Ҳамчунин, як қатор санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ дар доираи

созмонҳои болозикр ба тасвиб расонида шудааст, ки бевосита ба самти мубориза бар зидди таҳдидҳои замони муосир нигаронида шудаанд.

Дар ҳалли мушкилоти таъмини амният дар Осиёи Марказӣ бисёр созмонҳо ва ташкилотҳои байналмилалии дорои хусусияти глобалӣ ва минтақавӣ нақши муассир доранд ва дар ин раванд иштирок менамоянд. Аз як тараф, СММ ва ниҳодҳои он, аз тарафи дигар САҲА, ки ҷумҳуриҳои пасошуравии Осиёи Марказӣ узви комилҳуқуқи он мебошанд, дар ин ҷода саҳмгузоранд. Инчунин, созмонҳои дигари минтақавӣ, ба монанди ИДМ, СҲШ ва махсусан СААД низ ҷиҳати мубориза бар зидди таҳдидҳои замони муосир ва таҳкими амниятии минтақавӣ нақши калидӣ мебозанд. Фаъолияти ҳамаи ниҳодҳои байналмилалии болозикр ба ҳам алоқамандӣ доранд, лекин то андозае носозгорӣ дар ҳамкории онҳо мушоҳида мегардад. Аз ин рӯ, масъалаи ҳамкориҳои дуҷониба ва бисёрҷонибаи кишварҳои минтақа дар доираи созмонҳои болозикр ва фаъолияти муштараки онҳо дар самти мубориза бо таҳдидҳои терроризм ва экстремизм, инчунин таҳкими амнияти минтақавии Осиёи Марказӣ ҷанбаи дигари таҳқиқшаванда ба ҳисоб меравад.

Ҳамаи ин аз он шаҳодат медиҳад, ки масъалаи ҳамоҳангсозии фаъолияти ниҳодҳо, табодули иттилоот ва таҳияи стратегияҳои муштарак барои пешгирӣ ва мубориза бар зидди таҳдидҳои замони муосир, аз ҷумлаи терроризм ва экстремизм, дар доираи имконоти методологии илми сиёсатшиносӣ дар сатҳи зарурӣ омӯхта нашудааст ва таҳлили мукаммалу комплексиро тақозо мекунад.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Омӯзиши масъалаи таҳдидҳо, бахусус терроризм ва экстремизм, ки дар замони муосир яке аз чолишҳои асосии амнияти миллӣ ба ҳисоб мераванд, ҳанӯз дар солҳои 80-уми қарни гузашта шуруъ гардид. Ҷанбаҳои терроризм ва экстремизм аз ҷониби муҳаққиқони соҳаҳои геополитика, таҳлили сиёсӣ, давлатшиносӣ, фалсафа, сотсиология ва диншиносӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд. Пас аз пошхӯрии кишвари абарқудрати шуравӣ ва фаъол гардидани гурӯҳҳо ва ҳаракатҳои террористиву экстремистӣ дар

кишварҳои тозаистиқлоли минтақаи Осиёи Марказӣ, таваҷҷуҳи муҳаққиқон ба мавзуи мазкур бештар гардид. Махсусан, пас аз ҳодисаи моҳи сентябри соли 2001 дар ИМА рухдода омӯзиши терроризм ва экстремизм аз ҷониби олимони ватанӣ ва хориҷӣ афзудааст. Вобаста ба мавзуи мубориза бар зидди терроризм ва экстремизм дар минтақаи Осиёи Марказӣ, олимони ватанӣ ва хориҷӣ китобу рисолаҳои зиёдеро таълиф намудаанд. Аз ин лиҳоз, ҷиҳати таҳқиқи ҳамаҷонибаи мавзуъ ва кушодани ҷанбаҳои калидии он, муаллиф аз сарчашма ва манбаъҳои гуногун ба таври васеъ истифода намудааст.

Бояд қайд намоем, ки дар ҷодаи таҳқиқи масъалаҳои таъмини амнияти минтақавӣ асарҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мақоми хосаро касб менамоянд. Дар аксари асарҳои Пешвои миллат масъалаҳои таҳдиду хатари замони муосир аз ҷумлаи терроризм ва экстремизм, шаклҳои зоҳиршавӣ, мубориза муштараки ҷомеаи ҷаҳонӣ бар зидди ин зуҳуроти номатлуб ва монанди инҳо мавриди таҳлилу баррасии амиқ қарор гирифтаанд.

Ҷиҳати амиқтар омӯхтани мавзуъ, мо нуқтаи назари олимони соҳаро вобаста ба таҳдидҳои замони муосир, алалхусус терроризм ва экстремизм, таҳкими амнияти минтақаи Осиёи Марказӣ мавриди таҳқиқ қарор дода, ба тариқи зайл гурӯҳбандӣ намудем.

**Гурӯҳи якумро** асарҳои илмию таҳқиқотии олимони кишварҳои Ғарб ташкил медиҳанд. Дар тули се даҳсолаи охир як зумра аз кишварҳои ғарбӣ зери таъсири ҳуҷумҳои гурӯҳҳои террористиву экстремистӣ қарор гирифтанд. Амалҳои террористии моҳи сентябри соли 2001 дар ИМА ва солҳои баъдӣ дар кишварҳои Аврупо муҳаққиқони ғарбиро водор намуданд, ки ба омӯзиши ин зуҳуротҳои номатлуби замони муосир ба таври ҷиддӣ машғул шаванд. Дар таҳқиқоти онҳо зуҳуроти терроризм ва экстремизм бо диди нав баррасӣ гардида, консепсияи муосири ин зуҳуротҳо, роҳу усулҳои ҷадиди амалҳои террористиву экстремистӣ, терроризми сиёсӣ, экстремизми динӣ, пурзӯр гардонидани

фаъолияти зиддитеррористӣ ва зидди экстремистӣ, бахусус ташаккул додани ҳамкориҳои байнидавлатӣ дар ин самт таҳия гардидаанд. Дар ин самт А. Спенсер, Б.Бузан, К.Уолтс, А. Шмид, З.Бжезинский, Г. Киссинҷер, Ҷ.М. Кейнс, В. Лагуар, В. Ҷенкинс, В. Хоффман, Е. Манник ва дигарон таҳқиқоти ҷиддӣ ва мукаммал анҷом додаанд.

**Гурӯҳи дуюмро** асарҳои илмию таҳқиқотии олимони россиягӣ ташкил медиҳанд. Масъалаҳои гуногуни зуҳуроти терроризм ва экстремизм дар доираҳои илмии Россия васеъ таҳқиқ гардидааст. Дар таҳқиқоти олимони рус масъалаҳои марбут ба таҳдидҳои замони муосир ҳамаҷониба баррасӣ шудаанд. Дар ин ҷода асарҳои И. Панарин, Г. Арбатов, А. Шумилин, В.И. Анненков, К.Г. Горбунов, К.В. Жаринов, А.В. Коровиков, М.Н. Шахов, В.В. Устинов, Е.А. Степанова, О.Г. Харитонова, В.А. Дворянов, С.А. Николаев, В.Я. Белокреницкий, И.П. Добаев, Б.В. Долгов, Л.М. Млечин, В.В. Черноус, И. Прокопенко, С.И. Грачев, Л. Барский, Е. Примаков, А.Ю. Яковлев, Г. И. Мирский ва дигарон арзиши зиёди илмию назариявӣ доранд.

**Ба гурӯҳи сеюм** таълифоти олимони кишварҳои минтақаи Осиёи Марказӣ шомил мешаванд. Дар байни онҳо дар таҳқиқу омӯзиши таҳдидҳои терроризм ва экстремизм А.Г. Косиченко, Ф. Толипов, С.М. Акимбеков, И. Мирсайитов, Н. М. Омаров, С.А. Имандосов ва чанде дигарон саҳми арзанда гузоштаанд. Масъалаи ҳамкориҳои байналмилалии кишварҳои минтақа ҷиҳати решакан намудани таҳдидҳои терроризм ва экстремизм, аз ҷониби олимони болозикр мавриди таҳқиқ қарор гирифта, механизмҳои ташаккули он пешниҳод карда шудааст. Олимони кишварҳои минтақа муътақиданд, ки терроризм ва экстремизм ҳамчун таҳдиди воқеии замони муосир, ба амнияти миллии кишварҳои Осиёи Марказӣ таъсири ҷиддӣ мерасонанд.

**Гурӯҳи чорумро** асарҳои илмию таҳқиқоти олимони ватанӣ ташкил медиҳанд. Муҳаққиқони тоҷик дар коркарди ҷанбаҳои назариявии зуҳуроти терроризм ва экстремизм, бахусус таҳқиқи зоҳиршавии идеологияи тундгароии

исломӣ саҳми арзанда гузоштаанд. Чунин ҳолат аз воқеияти объективии кишвар бармеояд. Аз рӯзҳои аввали соҳибистиқлолӣ Тоҷикистон бо таҳдидҳои терроризм ва экстремизм рӯ ба рӯ гардид. Имрӯзҳо низ ингуна таҳдиду хатарҳо ба амнияти давлату миллат ва оромии сиёсии кишвари мо таъсир мерасонанд. Дар асарҳои илмию таҳқиқотии А.Н. Муҳаммад, Г.Н. Зокиров, С.С. Ятимов, Д. Назиров, Х. Холиқназар, А.Х. Имомов, А. Раҳнамо, З. Саидов, И.С. Шарипов, Х.Қ. Сафарализода ва дигарон масъалаи мазкур дар ҳошияи таъмини амнияти миллӣ ва амнияти минтақавӣ таҳлилу таҳқиқ гардидааст. Олимони мазкур дар баробари муайян намудани моҳият ва хусусиятҳои таҳдидҳои замони муосир, инчунин ба масъалаи пешгирӣ намудани онҳо низ диққати аввалиндараҷа додаанд.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо), мавзуъҳои илмӣ.** Диссертатсия дар доираи татбиқи нақшаи корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраи сиёсатшиносии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ дар мавзуи «Равандҳои иҷтимоию сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити ҷаҳонишавӣ» (барои солҳои 2016-2020, 2021-2025) иҷро гардидааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади** таҳқиқоти диссертатсиониро омӯзиш ва таҳлили васеи масъалаҳои таъмини амнияти минтақавӣ дар мисоли Осиёи Марказӣ ташкил менамояд ва он тавассути ҳалли **вазифаҳои зерин** амалӣ гардидааст:

– таҳлили мафҳум, моҳият ва пайдоиши таҳдидҳо, аз ҷумла терроризму экстремизм ҳамчун зуҳуроти номатлуби замони муосир;

– омӯзиши фаъолияти созмонҳо ва ҳаракатҳои террористиву экстремистӣ дар қаламрави минтақаи Осиёи Марказӣ;

– арзёбӣ намудани самаранокии ҳамкориҳои кишварҳои минтақаи Осиёи Марказӣ дар доираи созмонҳои минтақавӣ, аз қабили ИДМ ва СААД ҷиҳати мубориза бо таҳдидҳои замони муосир;

– омӯзиши мақоми СҲШ дар бартараф намудани таҳдидҳои фаромиллӣ дар минтақа;

– муайян кардани нақш ва мақоми Россия, Чин ва ИМА дар таҳкими амнияти минтақавии Осиёи Марказӣ;

– мавриди таҳқиқ қарор додани таъсири «неруи нарм»- и Россия, Чин ва ИМА ба кишварҳои Осиёи Марказӣ;

– пешниҳоди тавсияҳо ҷиҳати мубориза бар зидди таҳдидҳои замони муосир аз ҷумлаи таҳдидҳои терроризм ва экстремизм дар минтақаи Осиёи Марказӣ.

**Объекти таҳқиқот** низоми амнияти минтақавии Осиёи Марказӣ дар қаринаи чолишҳо ва таҳдидҳои муосир мебошад.

**Предмети таҳқиқот** – масъалаҳо ва роҳу воситаҳои таъмини амният дар Осиёи Марказӣ вобаста ба таҳдидҳои терроризму экстремизм, ҳамгироӣ ва ҳамкории кишварҳои минтақа бо созмонҳои байналмилалӣ, инчунин нақши абарқудратҳои ҷаҳонӣ дар таъмини амнияти минтақавӣ.

**Фарзияи таҳқиқот.** Мавҷудияти ҳама гуна таҳдидҳои замони муосир алалхусус терроризму экстремизм ва фаъолияти созмонҳову ҳаракатҳои террористиву экстремистӣ, амалҳои ғайриқонунии пайравони онҳо боиси заиф гардидани амнияти минтақа ва ҷомеаи ҷаҳонӣ гардида, дар таҳкими раванди давлатдорӣ, рушди устувор ва суботи сиёсии кишварҳои тозаистиқлоли минтақаи Осиёи Марказӣ хавфу хатари ҷиддиеро эҷод менамоянд. Оқибати ин зуҳуроти номатлуб боиси муташанниҷ гардидани вазъи фазои сиёсиву амниятӣ гардида, ба ҳаёти рӯзмарраи сокинони кишварҳои минтақа таъсири манфӣ мерасонад. Муборизаи дастаҷамона бар зидди ин таҳдидҳо метавонад бо самар бошад.

**Марҳила, макон ва давраи таҳқиқот.** Таҳқиқоти диссертатсионии мазкур солҳои 2019-2023 дар кафедраи сиёсатшиносии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ иҷро шудааст. Дар таҳқиқот ҳодисаҳову дигаргуниҳои се даҳсолаи охир, ки афзоиши бе собиқаи таҳдидҳои замони

муосир, алалхусус терроризм ва экстремизм ба ин давра рост меояд, мавриди омӯзиш қарор дода шудаанд.

**Асосҳои назариявии таҳқиқот.** Ҳангоми омӯзиши мавзуи мазкур аз асарҳои илмии олимони соҳаҳои гуногуни илмҳои ҷомеашиносӣ васеъ истифода карда шудааст. Ҳамчунин, назари сиёсии муҳаққиқон ва коршиносон ҷиҳати дарки мафҳум ва моҳияти таҳдид, инчунин терроризм ва экстремизм, барои муайян намудани оқибатҳои фалокатбори он мусоидат намуданд. Аз ин рӯ, дар рафти таҳияи диссертатсия назарияҳои сиёсии олимони ватанӣ, минтақавӣ, олимони Россия ва кишварҳои Ғарб мавриди истифода қарор дода шудаанд.

**Асосҳои методологии таҳқиқот.** Дар ҷараёни таҳлил ва баррасии мушкилоти амниятии минтақаи Осиёи Марказӣ вобаста ба таҳдидҳои терроризм ва экстремизм методҳои гуногуни илмӣ, аз қабилӣ таҳлили системавӣ, муқоисавӣ, рафторӣ, институтсионалӣ ва навъбандӣ истифода гардиданд.

Усули таҳлили системавӣ имконият фароҳам овард, ки терроризм ва экстремизмро ҳамчун таҳдид ба амнияти минтақаи кишварҳои Осиёи Марказӣ нишон дода шавад, зеро дар низоми амнияти миллӣ таҳдидҳо унсури системавӣ ба шумор мераванд.

Усули таҳлили муқоисавӣ барои омӯхтани оқибатҳои терроризм ва экстремизм дар минтақа давоми солҳои гуногун истифода гардидааст. Ҳамзамон, фаъолияти созмонҳои минтақавие, ки дар мубориза бар зидди терроризм ва экстремизм дар минтақа саҳмгузоранд, бо истифодаи усули мазкур мавриди омӯзиш қарор дода шуд.

Дар раванди таҳқиқот усули рафторӣ барои омӯхтани таъсири ғояҳои терроризм ва экстремизм ба афкори ҷамъиятӣ, тағйирёбии рафтори ҷавонон, роҳу воситаҳои таблиғи ғояҳои ифротгароӣ ва тундгароӣ, муқовимат бо онҳо ба кор бурда шудааст.

Бо истифода аз усули таҳлили институтсионалӣ хусусиятҳо ва амалҳои ғайриқонунии фаъолияти созмонҳову ҳаракатҳои террористию экстремистӣ

нишон дода шудааст. Истифодаи усули навъбандӣ бошад, ҳамчун усули илмию таҳқиқотӣ, барои муайян намудани нишонаҳои асосии терроризму экстремизм мусоидат намуд.

Дар маҷмуъ, методҳои илмии истифодашуда имконият фароҳам овард, ки омилҳо ва ҷанбаҳои таҳдидкунандаро дар мисоли терроризм ва экстремизм дар кишварҳои минтақаи Осиёи Марказӣ муайян намоем. Инчунин, муайян намудани масъалаҳои мубрам дар самти мубориза бар зидди терроризм ва экстремизм ва дарёфти усулҳои мувофиқ ҷиҳати муқовимат бо зуҳуроти мазкур, бо истифода аз асосҳои методологии болозикр амалӣ карда шудааст.

**Пойгоҳи иттилоотии таҳқиқот.** Дар диссертатсия якчанд гурӯҳи сарчашмаҳои иттилоотӣ мавриди омӯзиш ва истифода қарор гирифтаанд, ки мо онҳоро чунин гурӯҳбандӣ намудем: ба **гурӯҳи аввал** ҳуҷҷатҳои расмӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ки асоси ҳуқуқии мубориза бо таҳдидҳои замони муосир, алалхусус терроризм ва экстремизро дар сатҳи минтақа ташкил медиҳад, шомил мешаванд. **Гурӯҳи дуюмро** маърӯзаҳо ва суханрониҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки дар онҳо масоили таҳдидҳо, терроризм, экстремизм ва ҳамкориҳои байналмилалӣ дар ин самти мубориза бо зуҳуротҳои номатлуб баррасӣ шудаанд, ташкил медиҳад. Паёмҳои солонаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, стратегияҳои давлатӣ оид ба таъмини амният ва мубориза бо терроризм, инчунин дигар баромадҳои расмии Сарвари давлат ба ин гурӯҳ дохил мешаванд. Ба **гурӯҳи сеюм** адабиёти илмӣ ва таҳқиқоти мутахассисони соҳа, ки масъалаҳои таҳдидҳои замони муосир, терроризм, экстремизм, ҳамкориҳои амниятии давлатҳо, фаъолияти созмонҳои байналмилалӣ, аз ҷумла ИДМ, СААД ва СҲШ, нақш ва мақоми давлатҳои абарқудрати ҷаҳониро мавриди баррасӣ қарор додаанд, шомил мешаванд. **Гурӯҳи чорумро** маълумоти оморӣ ва маводди расонаҳои иттилоотӣ, ки аз манбаъҳои расмии ватанӣ ва байналмилалӣ, инчунин аз сомонаҳои муассисаҳои

илмию тадқиқотӣ ва созмонҳои байналмилалӣ гирифта шудаанд, ташкил медиҳанд.

Истифодаи ин гурӯҳҳои сарчашмаҳо дар таҳқиқот имконияти баррасии ҳамаҷонибаи таҳдидҳо ба амнияти Осиёи Марказӣ ва роҳҳои муқовимат ба онҳо, инчунин таҳияи тавсияҳои илмӣ ва амалиро барои такмили сиёсати амниятӣ фароҳам меорад.

**Навгонии илмии таҳқиқот** дар он зоҳир мегардад, ки дар илмҳои сиёсии ватанӣ масъалаи таъмини амнияти минтақавӣ дар Осиёи Марказӣ дар шароити тавсеаи таҳдиду хатари терроризм ва экстремизм бори аввал ба таври комплексӣ таҳқиқ гардида, дурнамои рушди низоми амнияти дастаҷамъӣ нишон дода шудааст. Навгонии илмии таҳқиқот дар бандҳои зерин ифода гардидаанд:

– мафҳум ва моҳияти таҳдидҳо, аз ҷумла терроризм ва экстремизм дар заминаи таҳлили васеи консепсияҳои гуногуни илмӣ мавриди баррасӣ қарор дода шудаанд;

– таҳдидҳои фаъолияти созмону ҳаракатҳои террористиву экстремистии дар минтақаи Осиёи Марказӣ мавҷуда, ки дар шароити имрӯза бевосита ба амнияти минтақа таъсир мерасонанд, таҳлил карда шудаанд;

– нақши созмонҳои минтақавӣ, ба монанди ИДМ ва СААД, дар таҳкими амнияти минтақаи Осиёи Марказӣ ва ҳамкориҳои зиддитеррористии созмонҳои мазкур дар минтақа таҳқиқ шудаанд;

– мақом ва мавқеи СҲШ дар ҳифзи амнияти минтақавӣ ва мубориза бо таҳдидҳои замони муосир муайян карда шуданд;

– мавқеи давлатҳои абарқудрати ҷаҳонӣ, ба монандаи Россия, Чин ва ИМА, дар таъмини амнияти минтақа ва ҳамкориҳои дуҷониба бо кишварҳои минтақа баррасӣ шудааст;

– таъсири «неруи нарм»-и Россия, ИМА ва Чин муайян ва таҳлил гардида, оид ба дурнамои ҳамкориҳои кишварҳои минтақаи Осиёи Марказӣ дар самти

мубориза бо таҳдидҳои замони муосир ва падидаҳои номатлуб натиҷагирӣ карда шудааст.

**Нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

1. Зуҳуроти терроризм ва экстремизм яке аз таҳдидҳои хатарноки замони муосир ба шумор мераванд. Амалҳои террористӣ дар ду даҳсолаи охир ва тавсеаи фаъолияти созмонҳои террористию экстремистӣ онро ба таҳдиди сатҳи ҷаҳонӣ табдил додааст. Беш аз пеш олимону муҳаққиқон ба омӯзиши васеи ин масъала машғуланд. Сарфи назар аз ин, то ҳанӯз таърифи ягона ва умумиэътирофшудаи мафҳуми терроризму экстремизм вуҷуд надорад. Чунин тафовут дар сатҳи қонунгузории давлатҳо низ ба мушоҳида мерасад. Ин гуногунфаҳмӣ метавонад ба тавсеаи терроризм ва халалдор гардонидани фаъолияти зиддитеррористӣ оварда расонад. Омӯзиш ва таҳқиқи ин масъала бо назардошти омили мазкур имкон медиҳад, ки сабабҳои паҳншавии терроризм ва дурнамои таъмини амнияти миллию минтақавӣ муайян карда шаванд.

2. Баъди пошхӯрии Иттиҳоди Шуравӣ кишварҳои минтақаи Осиёи Марказӣ бо таҳдиду хатари терроризм рӯ ба рӯ гардиданд. Чунин вазъ аз омилҳои гуногун вобастагӣ дорад. Аввал ин, ки айни замон ташкилотҳои террористию экстремистӣ аз ҷониби баъзе давлатҳо пуштибонӣ меёбанд. Дуюм, ин ки кишварҳои Осиёи Марказӣ аз лиҳози иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва фарҳангӣ осебпазирии муайян доранд. Сонияи, аксари аҳолии кишварҳои Осиёи Марказӣ аз дини ислом пайравӣ менамоянд, ки ин муҳитро барои террористон ҷиҳати мағзшӯӣ намудани ҷавонон қуллай ва мусоид меҳисобанд. Рушди бемайлони технологияҳои иттилоотӣ бошад, барои таблиғи ғояҳои тундгароӣ ва ифротгароӣ мусоидат намуда истодаанд. Дар минтақаи Осиёи Марказӣ фаъолияти «Ал-Қоида», «Ҳизб-ут-Таҳрир», «Ҳаракати исломии Ӯзбекистон», «Давлати исломӣ», «Ҷамоати ансоруллоҳ» ва «Бародарони мусулмон» мамнуъ буда, ҳамчун созмонҳо ва ташкилотҳои террористиву экстремистӣ дониста шудааст. Ҳодисаю

воқеаҳои дар ҳудудҳои Осиёи Марказӣ рухдода аз ин гуна вазъият шаҳодат медиҳанд.

3. Ҳеҷ як давлат қодир нест, ки дар алоҳидагӣ ба таҳдидҳои замони муосир, алалхусус ба терроризм ва экстремизм пирӯз гардад. Аз ин лиҳоз, ҳамоҳангсозии фаъолиятҳои зиддитеррористӣ ва муттаҳидсозии талошҳо дар доираи созмонҳои минтақавию байналмилалӣ шарти муҳимми мубориза муваффақ бо ин падидаҳои харобиовари ҷомеаи ҷаҳонӣ ба шумор меравад. Кишварҳои узви ИДМ ва СААД, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ба он шомил аст, дар аввалин ҷамъомаду нишастҳои худ ба масъалаи ташаккули заминаи меъёрию ҳуқуқии фаъолияти дастаҷамъонаи худ созишномаҳои муҳимро ба имзо расониданд. Аз ҷумла, дар самти фаъолияти зиддитеррористӣ низ ҳуҷҷатҳои дахлдор ба имзо расонида шудаанд. Махсус барои татбиқи санадҳои мазкур Маркази зиддитеррористии ИДМ таъсис дода шудааст. То имрӯз дар қаламрави кишварҳои аъзои ин созмонҳо чорабиниҳои зиёди зиддитеррористӣ анҷом дода шудаанд. Бояд гуфт, ки Неруҳои посдори сулҳи ИДМ дар солҳои ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон, бахусус ҷиҳати таъмини амният дар сарҳади Тоҷикистону Афғонистон дар самти мубориза бо терроризм ва экстремизм фаъолияти назаррас нишон додаанд. Ҳамчунин, ҷиҳати таҳкими амнияти минтақаи Осиёи Марказӣ давлатҳои узви созмонҳои болозикр ҳар сол машқу тамринҳои зиддитеррористӣ анҷом медиҳанд. Омода намудани кадрҳои болаёқати низомӣ низ яке аз самтҳои афзалиятнок ва муҳим барои кишварҳои узв дониста мешавад. Бояд зикр намуд, ки ҳамоҳангсозии ҳамкориҳои зиддитеррористӣ дар доираи ИДМ ва СААД ба самаранокии мубориза бар зидди таҳдидҳои замони муосир мусоидат намуда, вокуниши саривақтӣ ба таҳдидҳои амниятӣ, мубодилаи самараноки иттилооти иктишофӣ ва ташкили амалиёти муштарак имконият фароҳам меорад.

4. Бо дарки вазъияти мураккаби фазои сиёсии ҷаҳони имрӯза, кишварҳои Осиёи Марказӣ тасмим гирифтаанд, ки бар зидди терроризм ва экстремизм дастаҷамъона мубориза баранд. Ба кишварҳои минтақа муяссар гардидааст, ки

дар баробари ИДМ, СААД ҳамчунин дар доираи СҲШ фаъолияти босамарро дар самти мубориза бо таҳдидҳои мавҷуда ба роҳ монда, дар таъмини амният ва субот, пешгирии амалҳои террористиву экстремистӣ чораҳои дахлдор андешанд. Иловатан, бо ташаббуси кишварҳои минтақа дар Осиёи Марказӣ маркази зиддитеррористӣ ташкил карда шуда, ҳамоҳангсозии фаъолияти дастаҷамъона оид ба таъмини амният ба роҳ монда шудааст. Бо вуҷуди талошҳо, вазъи амниятӣ дар Осиёи Марказӣ бинобар омилҳои гуногун, аз ҷумла бесуботии сиёсӣ дар Афғонистон, ки чораҳои иловагиро тақозо мекунад, муташанниҷ боқӣ мемонад.

5. Минтақаи Осиёи Марказӣ дар марҳилаи кунунӣ дар маркази манфиатҳои геополитикии давлатҳои гуногун қарор гирифта, ба майдони нуфузи қудратҳои бузург табдил ёфтаст. Бо вуҷуди ин, аксари онҳо ба ҳифзи амният ва таъмини он дар минтақа манфиатдор буда, таваҷҷуҳи хоса доранд. Пеш аз ҳама, Россия ва Чин дар ин самт мехоҳанд, ки пешсаф бошанд. Ин минтақа ҳам барои Россия ва ҳам барои Чин аҳамияти муҳимми геополитикию геоиқтисодӣ дорад. Бинобар ин, онҳо барои ҳифзи суботу амнияти минтақа то андозае кӯшиш ба харҷ медиҳанд. Дар таъмини амният ва суботи минтақа бештар Россия нақши муҳимро иҷро менамояд. Пойгоҳҳои низомии Россия дар Қирғизистон, Тоҷикистон ва иншооти ҳарбӣ дар Қазоқистон кафили ҳифзи фазои амниятии минтақа дониста мешавад. Дар баробари Россия ва Чин, инчунин ИМА мехоҳад, ки мавқеи худро дар Осиёи Марказӣ мустаҳкам намояд ва ба паҳншавии таҳдиду хатар монеа шавад.

6. Истифодаи консепсияи «неруи нарм» аз ҷониби Россия, ИМА ва Чин дар таъмини суботу амнияти минтақа нақши муассир дорад. Ин давлатҳо тавассути таъсири фарҳангӣ, талошҳои дипломатӣ ва стратегияҳои иқтисодӣ ба кишварҳои Осиёи Марказӣ таъсир расонда, дар ташаккули тафоҳум ва эътимоди мутақобила саҳм мегузоранд, ки ин дар пешрафти кишварҳои минтақа муҳим арзёбӣ карда мешавад. Бо вуҷуди кӯшишу талошҳои зиёди кишварҳо, таҳдиду хатари терроризму экстремизм дар Осиёи Марказӣ боқӣ мемонад. Ҷаҳонишавӣ ва навовариҳои технологӣ, дар навбати худ, ба ташкилотҳои террористӣ имконият

медиҳад, ки онҳо мақсадҳои худро бо роҳу усулҳои ҷадид амалӣ намоянд. Гузашта аз ин, моҳи сентябри соли 2021 дар Афғонистон ба сари қудрат омадани ҳаракати «Толибон» хавфи дар ин кишвар фаъол шудани гурӯҳҳои терроористиро ба миён овардааст. Аз ин рӯ, давлатҳои Осиёи Марказӣ ва шариконы стратегии онҳоро зарур аст, ки дар чунин шароити мураккаб ва ҳассос барои рушди низоми амнияти дастаҷамъӣ чораҳои иловагӣ андешанд.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот.** Натиҷаҳои таҳқиқотро метавон дар раванди таълим ба таври васеъ истифода бурд; омӯзгорони фанҳои сиёсатшиносӣ, амнияти миллӣ, диншиносӣ, сотсиология метавонанд рисолаи мазкурро ба донишҷӯён ҳамчун адабиёти иловагӣ барои мутолиа намудан тавсия кунанд; маводди диссертатсияро дар раванди таҳияи барномаҳои таълимӣ, васоити таълимӣ ва китобҳои дарсӣ низ истифода бурдан мумкин аст.

Аҳамияти амалии натиҷаҳои таҳқиқоти мазкур аз он иборат аст, ки барои тақвият бахшидани зиракии сиёсӣ, худогоҳии миллӣ ва аз худ кардани донишҳои муосир барои насли наврас, хусусан донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии кишвар мусоидат мекунад. Натиҷаҳои таҳқиқоти мазкурро метавон дар рафти омӯзиши фанҳои таълимӣ дар муассисаҳои оливу касбӣ, курсҳои махсус, омода намудани кадрҳои мақомоти дар ин самт фаъолияткунанда васеъ истифода намуд. Таҳқиқоти диссертатсионӣ метавонад дар таҳқиқоти минбаъда барои боз ҳам амиқтар омӯхтани фаъолият ва таҳдидҳои гурӯҳҳои террористиву экстремистӣ ва муқовимат бо онҳо дар минтақаи Осиёи Марказӣ кӯмак расонад.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот.** Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот ба воситаи асосҳои назариявию методологии диссертатсия асоснок карда мешавад. Пеш аз ҳама, эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот ба воситаи мухолифат надоштани онҳо бо назарияҳои сиёсии мавҷуда ва мувофиқати методҳои илмии истифодашуда бо соҳаи илми сиёсӣ ифода меёбад. Инчунин, дар таҳқиқоти мазкур сарчашмаҳои иттилоотии расмӣ истифода шудаанд, ки қисме аз натиҷаҳои таҳқиқот дар заминаи таҳлили онҳо ба даст

омадаанд. Инчунин хулосаҳои муаллиф дар заминаи омӯзиши ҷанбаҳои назариявии мавзуъ ва таҳлили равандҳои сиёсии минтақавӣ ба даст омада, натиҷагирӣ шудаанд.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мавзуи диссертатсия «Масъалаҳои таъмини амнияти минтақавӣ дар Осиёи Марказӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050200 – Сиёсатшиносӣ ба шиносномаи ихтисосҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 6D050204 – Проблемаҳои сиёсии муносибатҳои байналмилалӣ, инкишофи глобалӣ ва минтақавӣ мувофиқат мекунад.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Коркард ва таҳлилу баррасии маълумотҳои бадастомада, коркарди муқаррароти назариявӣ ва методӣ, пешниҳод намудани тавсияҳои амалӣ аз ҷониби довталаб мустақилона анҷом дода шудааст. Хулосаҳое, ки дар диссертатсия ба назар мерасанд, натиҷаи таҳқиқоти мустақилонаи унвонҷӯ ба шумор мераванд. Муаллиф дар заминаи омӯзиши адабиёти илмӣ ва таҳлилу баррасии равандҳои сиёсии минтақавӣ таҳдиду хатари терроризм ва экстремизмро дар мисоли кишварҳои Осиёи Марказӣ таҳқиқ намуда, дурнамои таъмини амнияти минтақавиро дар доираи фаъолиятҳои дастаҷамъона нишон додааст. Довталаб таҳқиқоти худро натиҷагирӣ намуда, вобаста ба пешгирии таҳдиду хатари терроризм ва экстремизм дар Осиёи Марказӣ тавсияҳои амалӣ пешниҳод кардааст.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Диссертатсия дар ҷаласаи васеъи кафедраи сиёсатшиносии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ санаи 22 феврали соли 2024 (суратҷаласаи №9) муҳокима гардида, ҳамчун кори илмии баанҷомрасида баҳогузорӣ ёфта, барои ҳимоя дар Шурои диссертатсионӣ тавсия гардидааст.

Муҳтавои асосии кори диссертатсия ва натиҷаҳои таҳқиқот дар маҷмуаҳои маводди конференсияҳои байналмилалӣ ва ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ

«Ҳамкории Иттиҳоди Аврупо бо давлатҳои Осиёи Марказӣ: ҳолат ва дурнамои рушд» (ш. Душанбе, Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупо, 7 октябри соли 2022), «Илми муосири тиб: одатҳо ва инноватсияҳо» (ш. Душанбе, МДТ «ДДТТ ба номи Абуалӣ ибни Сино», 25 ноябри соли 2022), «Уфуқҳои нав дар илм, таҳсилот ва амалияи тиббӣ» (ш. Душанбе, МДТ «ДДТТ ба номи Абуалӣ ибни Сино», 1 ноябри соли 2024) ироа ва нашр шудаанд.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Натиҷаҳо ва дастовардҳои таҳқиқот ин 4 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои илмии ҷумҳуриявӣ ба табъ расидаанд.

**Ҳаҷм ва сохтори диссертатсия**. Диссертатсия аз номгӯи ихтисораҳо, муқаддима, тавсифи умумии таҳқиқот, се боб, шаш зербоб, хулоса ва тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот, рӯйхати адабиёт иборат аст. Ҳаҷми умумии диссертатсия 190 саҳифаи чопи компютериро ташкил медиҳад.

## ҚИСМҲОИ АСОСИИ ТАҲҚИҚОТ

Дар муқаддимаи кори диссертатсионӣ мубрамии мавзуи таҳқиқот асоснок карда шуда, дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ таҳлилу баррасӣ гардида, робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ё мавзуъҳои илмӣ нишон дода шудааст. Дар тавсифи умумии таҳқиқот мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, объекти таҳқиқот, мавзуи таҳқиқот, фарзияи таҳқиқот, марҳила, макон ва давраи таҳқиқот, асосҳои назариявии таҳқиқот, асосҳои методологии таҳқиқот, пойгоҳи иттилоотии таҳқиқот, навгонии илмии таҳқиқот, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот, мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот, тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия, интишорот аз рӯй диссертатсия, ҳаҷм ва сохтори диссертатсия нишон дода шудаанд.

Боби якуми диссертатсия – **«Асосҳои назариявию методологии таҳқиқи масъалаи таъмини амнияти минтақавӣ»** аз ду зербоб иборат буда, таҳлили мафҳум, моҳият ва хусусиятҳои таҳдидҳо, алалхусус терроризму экстремизм ва хавфи онҳо ба рушди устувори давлатҳои минтақаи Осиёи Марказӣ, масъалаҳои амнияти минтақавӣ аз нигоҳи мактабҳои таҳқиқотии илмӣ, инчунин баррасӣ ва таҳлили амалу таҳдидҳои хатарзой гурӯҳҳои террористиву экстремистӣ дар минтақаро фаро гирифтааст.

Дар зербоби аввали боби якум – **«Таҳдидҳои минтақавӣ: моҳият, хусусиятҳо ва инкишофи таълимот»** мафҳум, моҳият ва хусусиятҳои таҳдидҳои замони муосир, аз ҷумла терроризму экстремизм таҳлил гардида, таъсири зоҳиршавии таҳдидҳои замони муосир ба низоми амнияти минтақавӣ нишон дода шудааст.

Дар раванди ҷаҳонишавӣ ҳамагуна таҳдидҳо ба таҳкими амният таъсиррасон боқӣ мемонад, зеро таҳдидҳо яке аз ҷамбаҳои хатаровар ба амнияти давлат ба ҳисоб рафта, аз лиҳози сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ оқибатҳои фоҷеъабор доранд. Таъмини амният ба яке аз мушкилтарин ва маъмултарин масъалаи сиёсат ва амнияти ҷаҳонӣ мубаддал гардидааст. Он паҳлӯҳои гуногун дошта, ҷойгоҳи хосаро дар рушди давлатҳо ишғол менамояд.

Дар ин росто, дарки мафҳуми «таҳдид» муҳим арзёбӣ карда мешавад. Аз таҳлили натиҷаҳои таҳқиқотҳои илмӣ бар меояд, ки мафҳуми «таҳдид» ба таври гуногун шарҳ дода шудааст ва маънои ягонаи аз ҷониби умум қабулшуда надорад. Муҳаққиқон вобаста ба соҳаи таҳқиқшавандаи худ маънои «таҳдид»-ро ҳамчун расонидани «зарар», «тарсонидан», «хавф», «хатари эҳтимолӣ» шарҳ додаанд. Масалан, дар «Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ» мафҳуми «таҳдид» ба маънои «тарсонидан, дӯғу пӯписа кардан, касеро ба хавф андохтан» фаҳмида мешавад [4]. Дар «Луғати тафсирии забони русӣ» мафҳуми таҳдидро бо ду маъно яъне тарсондан, ваъдаи ба касе зарар расонидан, бадӣ кардан ва хатари эҳтимолӣ низ маънидод карда шудааст [1]. Мафҳуми «таҳдид» дар забони англисӣ, дар

маҷмуъ, бо маънои он дар забони русӣ монанд аст. Бо вуҷуди ин, луғатҳои тафсирии забони англисӣ тобишҳои иловагии маъноиро равшан сохта, нияти анҷом додани амали душманона ва расонидани зарар низ худ таҳдид دониста шудааст [6]. Таҳлил ва муқоисаи маънои «таҳдид» дар забонҳои гуногун нишон медиҳад, ки он танҳо ба тарсондан ё хатари эҳтимолӣ маҳдуд набуда, дорои ҷанбаҳои гуногун ва таъсири васеъ мебошад.

Таҳлили адабиёти илмӣ ва сарчашмаҳои назариявӣ имкон медиҳад, ки мафҳуми «таҳдид»-ро бо назардошти маъно ва муҳтавои истилоҳоти «хатар» ва «зарар» дақиқ намуда, онро боз ҳам мушаххас ва мукаммалтар тавзеҳ диҳем. Таҳдид на танҳо мавҷудияти хатарро, балки эҳтимолияти расонидани зарарро низ дар бар мегирад, ки ба шахс, ҷомеа, давлат ё манфиатҳои онҳо таъсир мерасонад. Бо ин назар, таҳдидро метавон ҳамчун шакли эҳтимолии хатари пайдошавии оқибатҳои манфӣ дар шароити муайян шарҳ дод. Дар ин замина, таъбири таҳдид ҳамчун «хатари эҳтимолӣ», ки метавонад зарари ҷиддӣ ба амният, субот, иқтисодиёт ва ҳуқуқҳои инсон расонад, комилан асоснок ба назар мерасад. Бо назардошти таърифи пешниҳодшудаи мафҳуми таҳдид ҳамчун «хатари эҳтимолӣ», қайд кардан муҳим аст, ки таҳдидҳои муосир бо ҳам алоқаманданд ва вобастагии муайяни мутақобила доранд. Чунончӣ, низоъҳо дар як минтақа метавонанд ба амният ва суботи қисматҳои дигари ҷаҳон таъсир расонанд.

Аз ин рӯ, вобаста аз баррасии масъалаи таҳдидҳои минтақавӣ, маълум мегардад, ки таҳдидҳои минтақавӣ дар минтақаи мушаххаси ҷуғрофӣ ба туфайли омилҳо ва шароитҳои муайян ба вуҷуд меоянд. Онҳо сабабҳо ва шаклҳои гуногун, аз қабили терроризму экстремизм, муноқишаҳои этникӣ, мазҳабӣ ва сиёсӣ, мушкилоти иқтисодӣ ва иҷтимоӣ, офатҳои экологӣ, паҳншавии терроризм, ҷиноятҳои фаромарзӣ, назорати силоҳ ва маводи мухаддир ва ғайра дошта метавонанд.

Пешгирии таҳдидҳои терроризм ва экстремизм барои суботу осудагии ин ё он минтақа муҳим арзёбӣ карда мешавад. Пас аз ҳодисаҳои моҳи сентябри соли

2001 ҷомеаи ҷаҳонӣ ба таҳдидҳои марбут ба терроризм ва экстремизм диққати бештар равона сохтаанд. Дар ин замина, мафҳум, моҳият ва хусусиятҳои терроризм ва экстремизм низ мавриди таҳқиқи амиқ қарор дода шудаанд. Доир ба ин масъала андешаҳои сиёсии мутафаккирон якранг нест ва имрӯзҳо низ мафҳуми ин зуҳуротҳои номатлуб якмаъно тафсир карда намешавад.

Заминаҳои асосии фаромиллӣ гардидани терроризм ва экстремизм ба пешрафти илму техника, гуногунрангии ҳадафҳои террористон ва тундгароён рабти зиёд дорад. Ҳамчунин, миқёси таҳдидҳои амали террористӣ то андозае бузург, воқеӣ ва пешгӯинашаванда аст, ки терроризму экстремизм имрӯз ба яке аз мушкилоти асосии ҷомеа мубаддал гардида, дар ҷараёни тағйирёбӣ мебошад. Бояд тазаккур дод, ки терроризми замони муосир бо зуҳуроти экстремизм алоқамандии зич дорад. Метавон тасдиқ кард, ки заминаи асосии пайдоиш ва ташаккулёбии терроризми сиёсӣ маҳз экстремизм ба ҳисоб меравад.

Ҳамин тариқ, таҳлилу баррасии ҷанбаҳои назариявию методологии таҳдидҳои замони муосир, аз ҷумла зуҳуроти терроризм ва экстремизм, нишон медиҳад, ки мушкилоти мубориза бо таҳдиду хатарҳои мазкур, пеш аз ҳама, сабабҳои объективӣ ва субъективӣ доранд.

Зербоби дуюми боби якум – **«Хусусиятҳои таъмини амнияти минтақавӣ дар шароити Осиёи Марказӣ»** ба таҳлили хатару таҳдидҳои созмонҳои террористиву экстремистӣ ба фазои амниятии минтақаи Осиёи Марказӣ бахшида шуда, фаъолияти гурӯҳҳо ва ташкилотҳое, ки дар қаламрави кишварҳои минтақа мамнӯъ мебошанд, дар алоҳидагӣ мавриди таҳқиқ ва натиҷагирӣ қарор дода шудааст.

Бояд тазаккур дод, ки солҳои 90-уми асри XX фазои сиёсии Авруосиё бинобар таҳаввулотҳои гуногун ба куллӣ тағйир ёфта, аз аввали рӯзҳои соҳибистиқлолӣ кишварҳои минтақаро бо як қатор мушкилотҳои амниятӣ рӯ ба рӯ сохтааст. Ҳамчунин, мавҷудияти як қатор омилҳо, аз ҷумла терроризми байналмилалӣ, экстремизми динӣ, ҷинояткории фаромиллӣ, гардиши

ғайриқонунии маводи мухаддир, қочоқи силоҳ ва муҳоҷирати ғайриқонунӣ ва ғайра боиси заиф гардидани фазои амниятӣ дар минтақа маҳсуб дониста шудааст.

Чолишҳо ва таҳдидҳоро дар шароити Осиёи Марказӣ метавон ба омилҳои берунӣ ва дохилӣ рабт дод. Ба омилҳои берунӣ, дар аввал, мушкилоти атрофи Афғонистон шомил карда шуд, ки ба таҳкими амнияти минтақа таъсири ногусастанӣ дорад. Хуруҷи неруҳои эътилоф ва вазъи сиёсии ноустувор дар Афғонистон, ки бо минтақа ҳаммарз аст, таъсири манфии амиқ мерасонад. Дувум, масъалаҳои атрофи барномаи ҳастаии Ҷумҳурии Исломии Эрон, низомигардонии соҳилҳои баҳри Каспий ва ғайра мебошанд, ки бевосита ба амнияти минтақавӣ таъсиррасон маҳсуб меёбанд. Сониян, ин ба амнияти иттилоотӣ ва киберӣ вобастагӣ дорад. Таҷрибаи ҷаҳонӣ собит намудааст, ки аксарияти низоъ ва муноқишаҳо дар дохили кишварҳо дар бисёр мавридҳо аз берун тариқи технологияҳои иттилоотӣ, коммуникатсионӣ ва шабакавӣ, ки назорати онҳо душвор аст, роҳандозӣ мегардад. Аз ин рӯ, амнияти иттилоотӣ ва киберӣ дар замони муосир ба яке аз мушкилоти глобалӣ маҳсуб меёбад.

Ҳамчунин, мавҷудияти омилҳои гуногуни дохилӣ аз қабили мушкилоти меросшуда ба кишварҳои минтақа, ки то ҳол ҳалли худро наёфтаанд. Аз ҷумла, масъалаи делимитатсия ва демаркатсияи сарҳадоти кишварҳои минтақа, масалан сарҳади давлатии Тоҷикистону Қирғизистон, Ӯзбекистону Қирғизистон, Тоҷикистону Ӯзбекистон ва ғайра. Сониян, таҳдидҳо аз ҷониби гурӯҳҳои террористӣ ва экстремистӣ, амалҳои террористӣ, гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир, қочоқи силоҳ ва муҳоҷирати ғайриқонунӣ амнияти минтақаро халалдор кардааст. Илова бар ин, масъалаҳои амнияти озуқаворӣ дар заминаи номутаносибии рушди демографии минтақа низ аҳамияти махсус дорад. Аз нигоҳи иқтисодӣ бошад, эҳтимоли сар задани бӯҳронҳо ва аз нигоҳи экологӣ, зиёд шудани офатҳои табиӣ ва техногенӣ ба суботи минтақа таъсири манфӣ мерасонанд.

Бояд қайд намуд, ки давоми солҳои соҳибистиқлолӣ кишварҳои минтақа борҳо шоҳиди оқибатҳои фоҷеабори амали гурӯҳҳои алоҳидаи террористӣ ва экстремистӣ гардидаанд. Тибқи маълумоти Маркази зиддитеррористии ИДМ то соли 2023, шумораи созмону ташкилотҳои террористӣ ва экстремистӣ, ки фаъолияташон дар қаламрави кишварҳои минтақа мамнӯъ аст, дар қаламрави Ҷумҳурии Қазоқистон 23 адад, дар Ҷумҳурии Қирғизистон 20 адад, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 20 адад ва дар Ҷумҳурии Ӯзбекистон 22 ададро ташкил медиҳад. Аз ҷониби мақомоти судии кишварҳои болозикр ин созмонҳо ҳамчун гурӯҳҳои террористӣ ва экстремистӣ шинохта шудааст. Инчунин, бояд зикр кард, ки то ба имрӯз рӯйхати ягонаи созмонҳову ташкилотҳои террористиву экстремистӣ дар сатҳи кишварҳои минтақа таҳия нагардидааст ва норасоии мазкур ба созмонҳо ва гурӯҳҳои алоҳида имконият фароҳам меоварад, то ки дар қаламрави кишварҳои алоҳидаи минтақа бидуни монеа фаъолияти ғайриқонунии худро пеш баранд.

Дар зербоби мазкур фаъолияти якчанд созмонҳо ва гурӯҳҳои террористӣ ва экстремистӣ, ба монанди «Ҳаракати исломии Ӯзбекистон», «Ал-Қоида», «Ҳаракати Толибон», «Давлати исломӣ», «Ҳизб-ут-таҳрир», «Бародарони мусулмон», «Ҳаракати исломии Туркистони шарқӣ» ва «Ҷамоати Ансоруллоҳ», ки дар минтақа фаъолияти онҳо мамнуъ мебошад, мавриди таҳлил қарор дода шудааст.

Созмонҳо ва ташкилотҳои террористиву экстремистӣ ҳадафҳои монанд дошта, ба ҳамдигар алоқамананд. Тақрибан маншаи ҳамаи созмонҳову ташкилотҳои террористӣ ва экстремистӣ аз «Ал-қоида» шуруъ мегардад, ки аз имкони хавфу хатар ва таҳдид далолат медиҳад. Мақсади асосии ин ташкилоту созмонҳо таъсис додани давлати исломӣ мансуб меёбад.

Боби дуюми диссертатсия – **«Ҳамкориҳои созмонҳои минтақавӣ дар мавриди мубориза бар зидди таҳдидҳои минтақавӣ дар шароити Осиёи Марказӣ»** аз ду зербоб иборат аст. Дар он масъалаҳои ҳамкориҳои кишварҳои минтақа дар доираи созмонҳои минтақавӣ, аз қабилӣ ИДМ, СААД ва СҲШ, нақш

ва саҳми онҳо дар мубориза бар зидди таҳдидҳои замони муосир мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд.

Зербоби якуми боби дуюм – **«Нақши ИДМ ва СААД дар таъмини амнияти минтақаи Осиёи Марказӣ»** ба омӯзиши масъалаҳои таъмини амнияти минтақавӣ ва мубориза бар зидди таҳдидҳо дар доираи созмонҳои минтақавии пасошуравӣ, аз қабили Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил ва Созмони Аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ бахшида шудааст.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки самаранокии ҳамкориҳо дар доираи созмонҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ дар мубориза бар зидди таҳдидҳои замони муосир ба манфиати ҷомеаи ҷаҳонӣ мебошад. Аз ин рӯ, нақш ва ҷойгоҳи созмонҳои минтақавӣ дар рафъи таҳдидҳо, алалхусус терроризм ва экстремизм, дар шароити Осиёи Марказӣ муҳим арзёбӣ мегардад. Кишварҳои минтақаи Осиёи Марказӣ дар равандҳои муосири байналмилалӣ фаъолона иштирок намуда, дар ин замина ҷиҳати таҳкими амнияти минтақавӣ дар доираи ИДМ ва СААД ҳамкориҳои судмандро дар самти мубориза бар зидди таҳдидҳои замони муосир ба роҳ мондаанд. Ҳамкориҳои давлатҳои аъзои ИДМ ҷанбаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, амниятӣ ва фарҳангӣ дошта, ин кишварҳоро бо ҳам муттаҳид месозад. Маҳз барои таъмини амнияти минтақа дар доираи ИДМ «Созишнома дар бораи неруҳои дастаҷамъии посдори сулҳ ва тадбирҳои муштараки таъмини моддию техникӣ» ба имзо расонида шуда буд, ки барои таҳкими амният дар марзи Тоҷикистону Афғонистон ва ба ҳалли минбаъдаи муноқиша дар Тоҷикистон замина фароҳам овард.

Дар доираи ИДМ санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ, ки бевосита ба зидди таҳдидҳои замони муосир, аз ҷумла терроризму экстремизм нигаронида шудаанд, таҳия, қабул ва амалӣ гардида истодаанд. Ҳамчунин, фаъолияти Маркази зидди террористии ИДМ дар таҳкими амнияти минтақаи Осиёи Марказӣ, самаранокии талошҳои муштарак дар доираи маркази мазкур назаррас арзёбӣ мегардад. Ҳамгироии кишварҳои минтақаи Осиёи Марказиро дар доираи ИДМ мусбат

арзёбӣ намуда, бояд таъкид кард, ки дар самти мубориза бар зидди терроризм ва экстремизм дар қаламрави минтақа ва дар таҳкими системаи амнияти ҷаҳонӣ ИДМ саҳми арзанда дорад.

Дар ин замина, таҳлили нақши СААД дар мубориза бо таҳдидҳои амниятӣ, терроризму экстремизм, ҷиноятҳои фаромиллӣ, гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир, аслиҳа ва муҳоҷирати ғайриқонунӣ муҳим мебошад. Бояд тазаккур дод, ки созмони мазкур дар таъмини амнияту субот ва мубориза бар зидди таҳдидҳо дар минтақаи Осиёи Марказӣ мавқеъи хосаро касб менамояд. Ҷанбаҳои муҳимми ҳамгироии кишварҳои узви созмонро амалигардонии ҳамкориҳои ҳарбӣ-техникӣ, омода намудани кадрҳои низомӣ ва мудофиаи зиддиҳавоӣ ташкил медиҳад. Таъсиси Неруҳои зудамали минтақавии амнияти дастаҷамъии Осиёи Марказӣ, Неруҳои муштараки посдори сулҳро яке аз дастовардҳои низомии кишварҳои узви созмон дониста, нақши онҳоро дар мубориза бар зидди таҳдидҳо, пойдории сулҳу субот, ҳимоят аз аҳолии осоишта дар вақти даргирии ҷонибҳо, нигоҳдории тартибот, мусоидат ба фароҳам овардани муҳити амн дар минтақаҳои буҳронӣ ва муҳофизати объектҳои ҳаётан муҳим, намояндагиҳои дипломатӣ, созмонҳои байналмилалӣ муассир дониста мешавад.

Инчунин, машқҳои муштараки низомии ИДМ ва СААД бо иштироки неруҳои амниятии кишварҳои минтақа ҳамчун тадбири муҳимми ҳифзи марзҳо, муқовимат бо таҳдидҳои фаромарзӣ, терроризм, экстремизм ва низоъҳои мусаллаҳона таъкид мегардад. Ин машқҳо тавонмандиҳои амалиётии кишварҳои узвро тақвият бахшида, ба баланд бардоштани сатҳи ҳамоҳангӣ дар чаҳорчӯби амнияти дастаҷамъӣ мусоидат мекунанд.

Ҳамгироии кишварҳои минтақаи Осиёи Марказиро дар доираи ИДМ ва СААД таҳлил намуда, ба хулосае омадан мумкин аст, ки онҳо дар тули ҳамкориҳои худ тавонистанд дар самти мубориза бар зидди терроризм ва экстремизм дар қаламрави минтақа ва бешубҳа дар таҳкими системаи амнияти ҷаҳонӣ ва минтақавӣ саҳми арзада гузоранд. Идомаи ҳамкориҳо дар самти

мубориза бар зидди терроризм ва экстремизм барои ҳамаи давлатҳои аъзо манфиатовар мебошад. Барои давлатҳои аъзо ҷиҳати андухтани таҷриба, малака ва омодабошии касбӣ бар зидди ҳама гуна таҳдидҳои беруна заминагузор хоҳад шуд. Ҳамчунин, бо сайю кӯшишҳои ҷонибҳо имконият фароҳам оварда мешавад, то бар зидди таҳдидҳои замони муосир муборизаи дастаҷамъона бурда, ба муваффақияти назаррас ноил гарданд. Бояд қайд намуд, ки дар ин росто аз ҷониби давлатҳои аъзо заминаи меъёрии ҳуқуқӣ дар сатҳи зарурӣ таҳия гардида, дар доираи он бо мақсади таҳкими амнияти минтақавӣ машқҳои муштараки ҳарбӣ баргузор карда мешаванд. Инчунин, масъалаҳои мубориза бо таҳдидҳои замони муосир, алалхусус терроризм ва экстремизм, дар нишастҳои сатҳи баланд пайваста баррасӣ мегардад.

Самти дигари ҳамкориҳои афзалиятноки кишварҳои минтақаро метавон дар табодули маълумот ва иттилоот байни мақомотҳои қудратӣ, ки дар пешгирии таҳдидҳо муҳим арзёбӣ карда мешавад, мушоҳида намуд. Маҳз бо истифода аз усулҳои нави технологӣ ва шабаҳои иҷтимоӣ гурӯҳҳои террористиву экстремистӣ имконият доранд, ки теъдоди зиёдеро ба сафи худ ҷалб намуда, иттилооти бардурӯғу иғвогаронаро паҳн созанд ва дар таблиғи ғояҳои экстремистӣ замина фароҳам оваранд. Дар ин замина ҳамкории байнидавлатӣ дар ҷустуҷӯи шахсоне, ки ҷиноятҳои террористӣ содир намуда, аз адолат саркашӣ кардаанд, аҳамияти хоса дорад.

Ҳамин тариқ, ҳамгироии кишварҳои минтақаро ҷиҳати рафъи таҳдидҳои замони муосир дар доираи ИДМ ва СААД бар нафъи манфиатҳои миллии кишварҳои минтақа дониста, таҳкими ҳамаҷонибаи ҳамкориро дар чаҳорчӯби ин созмонҳо бамаврид ва аз ҷиҳати стратегӣ муҳим шуморида мешавад.

Дар зербоби дуюми боби дуюм – **«Мақоми Созмони ҳамкории Шанхай дар бартараф намудани хатарҳои минтақавӣ»** ба масъалаҳои ташаккули ҳамкориҳои кишварҳои аъзои СҲШ дар самти мубориза бо таҳдидҳои терроризм ва экстремизм бахшида шудааст.

Созмони мазкур дорои механизмҳои бисёрҷабҳаи ҳамкориҳо бар зидди терроризм, экстремизм ва сепаратизм дар минтақаи Осиёи Марказӣ маҳсуб меёбад. Дар баробари ин, СҲШ яке аз созмонҳои калонтарин ва босуръат рушдёбандаи байналмилалӣ дониста мешавад. Муқовимати дастаҷамъона бар зидди ҳама гуна таҳдидҳои террористӣ ва экстремистӣ яке аз самтҳои афзалиятноки фаъолияти СҲШ маҳсуб ёфта, дар тули беш аз бист соли фаъолияташ созмони мазкур дар ин самт таҷрибаи назаррасеро ба даст овардааст. Бояд қайд намуд, ки дар амал то ба имрӯз диққати асосии кишварҳои узви созмон, аз ҷумла кишварҳои Осиёи Марказӣ, бевосита ба ҳифзи сулҳу амнияти байналмилалӣ, амнияти иттилоотӣ, инчунин мубориза бо хатару таҳдидҳои муосир, пеш аз ҳама терроризми байналмилалӣ, экстремизм ва сепаратизм нигаронида шудааст. Дар робита ба ин, Конвенсияи Шанхай оид ба мубориза бар зидди терроризм, сепаратизм ва экстремизм қабул гардидааст, ки ҳадафҳо, вазифаҳо ва принсипҳои асосии ҳамкориҳои кишварҳои узви созмонро бар зидди ин зуҳуротҳои номатлуби замони муосир, бахусус дар минтақаи Осиёи Марказӣ, ки дар баробари чолишҳои марбут ба терроризм ва экстремизм осебпазир боқӣ мемонад, инъикос менамояд.

Илова бар ин, шуруъ аз соли 2004 Маркази минтақавии зиддитеррористии Созмони ҳамкории Шанхай бо мақсади пурзӯр намудани мубориза бо терроризм, ифротгароӣ ва сепаратизм дар минтақаи Осиёи Марказӣ таъсис дода шудаст. Вазифаи асосии ин марказ ҷамъоварӣ ва таҳлили иттилооти аз ҷониби давлатҳои узв оид ба мубориза бо ин таҳдидҳо пешниҳодшуда, инчунин таъсис ва нигоҳдории пойгоҳи додаҳо мебошад, ки маълумот дар бораи ташкилотҳои террористӣ ва шахсони дар фаъолияти террористӣ иштирокдоштаро дар бар мегирад. Яке аз ҷанбаҳои муҳимми фаъолияти марказ ҳамоҳангсозии талошҳои кишварҳои узв, табодули иттилоот ва таҳияи стратегияву равишҳои муштарак барои рафъи таҳдидҳои пайдошуда мебошад. Бояд қайд намуд, ки Маркази минтақавии зиддитеррористӣ ягона сохтори доимии ғайримаъмурии СҲШ

мебошад, ки ҳамкориро дар мубориза бо терроризм, ифротгароӣ ва сепаратизм танзим менамояд. Ҳамчунин, ҳамкории кишварҳои узви созмон ҷиҳати таҳкими амнияти минтақавӣ тариқи гузаронидани ҳар гуна тамринҳо ва машқҳои ҳарбӣ бо иштироки низомиёни кишварҳои минтақа дар чаҳорчубаи Сохтори минтақавии зиддитеррористӣ сурат мегирад. Ҳадафи ин машқҳо такмили маҳорати ҷангии низомиён дар мубориза бо таҳдидҳо, ки ба таҳкими амнияту субот дар Осиёи Марказӣ мусоидат мекунад, дониста мешавад.

Ҳамчунин, дар асри XXI масъалаи таъмини амнияти иттилоотӣ мубрам боқӣ монда, аз мадди назари кишварҳои минтақа ва узви СҲШ дур намондааст, зеро амнияти иттилоотӣ унсури муҳимми соҳибихтиёрии миллӣ, инчунин таъмини суботи иҷтимоӣ ва иқтисодӣ дониста мешавад. Дар робита ба ин, як қатор созишномаҳо оид ба ҳифзи амнияти фазои иттилоотии минтақавӣ, аз ҷумла механизмҳои табодули иттилоот оид ба таҳдидҳои эҳтимолии киберӣ ва таҳияи стратегияи ягонаи муқовимат ба хатарҳои рақамӣ таҳия шудаанд. Ин тадбирҳо ба афзоиши ҳамоҳангсозии амалҳои кишварҳои узви СҲШ ва таҳкими амнияти дастаҷамъии минтақа мусоидат мекунанд ва имкон медиҳанд, ки ба чолишҳои иттилоотӣ ва таҳдидҳои киберӣ вокуниши муассир карда шавад.

Аз таҳқиқи масъалаи мазкур муайян мегардад, ки ҳамгироии кишварҳои минтақа дар мубориза бо таҳдидҳое, ки мустақиман ба амният таъсир мерасонанд, як қадами муҳим ва зарурӣ барои таҳкими устувории кишварҳои Осиёи Марказӣ мебошад. Инчунин бояд зикр намуд, ки дар чаҳорчӯби созмонҳои мухталифи минтақавӣ ва байналмилалӣ, аз ҷумла Созмони ҳамкории Шанхай кишварҳои минтақа ҳамкориҳои дуҷониба ва бисёрҷонибаро фаъолона рушд дода истодаанд. Ин ҳамкориҳо доираи васеи соҳаҳои муҳим, аз ҷумла ҳифзи сулҳ, таҳкими субот ва таъмини амниятро дар бар мегиранд, ки на танҳо ба пешрафти дохилии кишварҳо мусоидат мекунад, инчунин ба тавозуни минтақавӣ ва ҷаҳонии қувваҳо таъсири судманд мерасонад.

Боби сеюми диссертатсия – **«Дурнамои таъмини амнияти дастаҷамъӣ дар фазои сиёсии Осиёи Марказӣ»** ба баррасии мавқеъ ва нақши давлатҳои абарқудрати ҷаҳонӣ, аз қабили Россия, Чин ва ИМА дар таҳкими амнияти минтақавӣ, таъсири «неруи нарм»-и онҳо ба кишварҳои Осиёи Марказӣ бахшида шуда, ба таҳлили мушкилотҳо ва дурнамои рушди амнияти дастаҷамъӣ дар минтақа аҳамияти хоса зоҳир карда шудааст.

Дар зербоби якуми боби сеюм – **«Нақши давлатҳои абарқудрат дар таъмини амнияти минтақаи Осиёи Марказӣ»** масъалаи таҳкими амнияти минтақа, ҳамкориҳои дуҷониба ва бисёрҷонибаи давлатҳои абарқудрати ҷаҳонӣ дар самти таҳкими амният ва мубориза бо таҳдидҳои замони муосир мариди таққиқу баррасӣ қарор дода шудааст.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки ҳамкории давлатҳои абарқудрат бо кишварҳои Осиёи Марказӣ дар мубориза бо таҳдидҳои муосир, аз қабили терроризм, экстремизм, қочоқи маводи мухаддир ва дигар чолишҳои амниятӣ бо назардошти манфиатҳои геопалитикии онҳо дар сатҳи зарурӣ ба роҳ монда шудааст. Минтақаи Осиёи Марказӣ дар замони муосир диққати абарқудратҳоро аз лиҳози аҳамияти геополитикӣ (ҳамсоягӣ бо Ҷумҳурии Мардумии Чин, Ҷумҳурии Исломии Покистон, Ҳиндустон ва бо Афғонистон), иқтисодӣ, имконияти транзитӣ дар савдои байниминтақавӣ, сайёҳӣ, захираҳои табиӣ ва нақлиётии худ ҷалб менамояд. Инчунин, минтақа майдони рақобати се абарқудрати ҷаҳонӣ буда, равандҳои геополитикии минтақа аз ҷониби ин се бозигар муайян карда мешавад.

Дар ин замина бояд қайд намуд, ки Россия дар таҳкими амнияти минтақавии Осиёи Марказӣ мақоми хосаро касб менамояд, зеро робитаҳои таърихии кишварҳои минтақа ва Россия барои ҳамкорӣ имкониятҳои васеъ фароҳам овардаанд. Илова бар ин, Россия шарики стратегии кишварҳои минтақа буда, дар доираи созмонҳои минтақавӣ бо ҳамгироии кишварҳои минтақа, аз қабили Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, Созмони Аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ ва

Созмони ҳамкории Шанхай муносибатҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, амниятӣ ва ҳарбии худро рушд медиҳад, ки дар ҳимояти манфиатҳои худ дар ин минтақа нисбат ба дигар кишварҳои абарқудрад пешсаф дониста мешавад.

Кишварҳои Осиёи Марказӣ дар сиёсати хориҷии Чин низ дар бахшҳои сиёсат, иқтисод ва амният мавқеи муҳимро ишғол мекунанд. Тақвияти амният дар минтақа барои Чин муҳим арзёбӣ мегардад, зеро фазои ноамнии минтақа ба Чин таъсири ногусастанӣ хоҳад дошт. Аз ин лиҳоз, Чин бо кишварҳои минтақа ҳамкории дӯстона ва шарикии стратегиро ба роҳ монда, пайваста кӯшиш ба харҷ медиҳад, ки аз манфиатҳои худ дар минтақа ҳимоят намояд. Ҳамкориҳои Чин бо кишварҳои минтақа бештар хусусияти иқтисодиро касб намудаст. Дар баробари ин, муносибатҳо дар самти таҳкими амният, ҳамкориҳои ҳарбӣ-техникӣ ва машқҳои муштарак яке аз масъалаҳои муҳим барои ҷонибҳо арзёбӣ гардида, манфиатҳои геоиқтисодӣ, инчунин манфиатҳои сиёсии Чин дар доираи «Як камарбанд – як роҳ» дар минтақаи Осиёи Марказӣ инъикос мегардад.

Таваҷҷуҳи ИМА дар таҳкими амнияти минтақавӣ пас аз содир гардидани амалиёти террористии моҳи сентябри соли 2001 зоҳир гардида, маҳз оғози ҳамкориҳои дуҷонибаи ИМА бо кишварҳои минтақаи Осиёи Марказӣ дар самти мубориза бар зидди таҳдидҳои замони муосир, алалхусус терроризм ва экстремизм ба ин давра рост меояд. Ҳамчунин, формати «Осиёи Марказӣ + ИМА» як механизми муассири ҳамоҳангсозии талошҳои кишварҳои минтақа ва ИМА дар соҳаи амният, мубориза бо таҳдидҳои замони муосир, табодули иттилоот ва таҳияи стратегияҳои муштарак ҷиҳати самаранокии ҳамкориҳо дар рафъи хатарҳои таҳдидкунанда ба суботи минтақа дониста мешавад.

Ҳамин тариқ, нақши давлатҳои абарқудрати ҷаҳонӣ дар ҳифзи сулҳу субот, таҳкими амнияти минтақавӣ ва рушди кишварҳои минтақаи Осиёи Марказӣ дар умум муҳим дониста мешавад.

Дар зербоби дуюми боби сеюм – **«Таъсири «неруи нарм»-и Россия, ИМА ва Чин ба кишварҳои Осиёи Марказӣ ва пешомади таъмини амният дар**

**минтақа»** истифодаи консепсияи «неъруи нарм» аз ҷониби абарқудраҳои ҷаҳонӣ ҷиҳати таҳкими амнияти минтақа ва роҳҳои ҳаллу фасли масъалаҳои мубрами минтақавӣ ва рушди муносибатҳо дар соҳаҳои фарҳанг, иқтисод ва маориф, ки ҳамчун омилҳои мусоидаткунанда дар таҳкими амният дониста мешавад, мавриди омӯзиш қарор дода шудааст.

Таҳлили адабиёти илмӣ нишон дод, ки «неруи нарм» дар ҷаҳони муосир ҳамчун воситаи муассир арзёбӣ мегардад. Гарчанде ки қудрати низомӣ ҳанӯз унсури муҳимми сиёсати байналмилалӣ боқӣ мемонад, таҷриба нишон медиҳад, ки танҳо истифодаи қувва барои расидан ба ҳадафҳои стратегӣ кифоя нест. Ҷангҳои тӯлонӣ, ба мисли муноқишаҳо дар Ироқ ва Афғонистон, исбот карданд, ки ҳатто бо истифодаи неруи низомӣ ноил шудан ба суботи дарозмуддат мушкил аст. Аз ин рӯ, кишварҳо барои нигоҳ доштани нуфузи худ бештар ба усулҳои нарм, аз ҷумла дипломатия, иқтисодиёт, фарҳанг ва иттилоот таваҷҷуҳ менамоянд. «Неруи нарм» дар муқобили «неруи сахт», ки ба фишор ва маҷбурсозӣ асос ёфтааст, тавассути таъсири фарҳангӣ ва дипломатӣ ҷалб ва бовар кунонданро дар назар дорад. Ҷ. Най таъкид мекунад, ки ҷолибияти «неруи нарм» дар муқобили маҷбурӣ нақши муҳим мебозад [5]. Ин стратегия, бахусус дар ҷаҳони бисёрқутбӣ, ки мубориза барои афкор ва нуфуз шиддат гирифтааст, самаранок арзёбӣ мегардад. Бо вуҷуди ин, «неруи нарм» ва «неруи сахт» метавонанд бо ҳам омезиш ёбанд. Кишварҳои қудратманд бештар ба «неруи ҳушманд» (smart power), ки омезиши ин ду неру мебошад, диққати аавалиндараҷаи худро равона сохтаанд.

Дар ин замина, истифодаи консепсияи «неруи нарм» аз ҷониби Россия, ИМА ва Чин дар таъмини суботу амнияти минтақа нақши муассир дорад. Ин давлатҳо тавассути таъсири фарҳангӣ, кӯшишҳои дипломатӣ ва стратегияҳои иқтисодӣ ба кишварҳои Осиёи Марказӣ таъсир расонда, дар ташаккули тафоҳум ва эътимоди мутақобила саҳм мегузоранд, ки ин дар пешрафти кишварҳои минтақа муҳим арзёбӣ карда мешавад. Ҳамчунин онҳо ба таҳкими ниҳодҳои демократӣ ва

низомҳои ҳуқуқӣ дар кишварҳои минтақа мусоидат намуда, дар навбати худ осебпазирӣ ба таҳдидҳои берунӣ ва дохилӣ, аз қабили терроризм ва экстремизмро коҳиш медиҳанд.

Россия тавассути дипломатияи фарҳангӣ ва барномаҳои таълимӣ равобити анъанавии худро ҳифз ва таҳким бахшида, барои коҳиш додани хатарҳои эҳтимолӣ дар минтақа ҳиссагузор дониста мешавад. ИМА, дар навбати худ, ба дастгирии ислоҳоти демократӣ ва ҳуқуқи башар, фароҳам овардани шароит барои суботи сиёсӣ ва коҳиши мизони хушунат ва ифротгароӣ аҳамияти хоса зоҳир менамояд. Чин тавассути ҳамкориҳои иқтисодӣ ва лоиҳаҳое ба мисли «Як камарбанд – як роҳ» ба рушди иқтисодии кишварҳои минтақа мусоидат намуда, дар таҳкими амният ва суботи кившарҳои Осиёи Марказӣ кӯмак мерасонад.

Ҳамчунин, дар зербоби мазкур пешомади таъмини амнияти минтақа мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтааст. Дар раванди ҷаҳонишавӣ рафъи таҳдидҳои терроризм, экстремизм, сепаратизм, гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир, хариду фурӯши одамон ва аслиҳа чолишҳои нави хатарзо барои амнияти ҷаҳон, аз ҷумла кишварҳои минтақаи Осиёи Марказӣ, хеле мубрам мебошад. Дар ин замина, эҷоди механизмҳои муассири мубориза бо ин таҳдидҳо аҳамияти калидӣ дорад. Ташаккули сохторҳои мухталифи зиддитеррористӣ ва зиддиэкстремистӣ, таъсиси пойгоҳҳои вижаи иттилоотӣ, табодули ин иттилоъ ва ҳамоҳангсозии фаъолиятҳои зиддитеррористии кишварҳои Осиёи Марказӣ муҳим арзёбӣ мегардад. Илова бар ин, ҳамоҳангсозии амалҳо дар чаҳорчӯби ҳамкориҳои дуҷониба ва бисёрҷониба, аз ҷумла ширкат дар ташаббусҳо ва созмонҳои байналмилалӣ ба баланд бардоштани сатҳи ҳифзи минтақа аз чолишҳои муосир мусоидат мекунад.

Ҳамин тариқ, чолишҳо ва таҳдидҳои замони муосир зарурати муқовимати муштаракро тақозо мекунанд. Барои ин ягонагии амалиёти неруҳои муштарак дар миқёси минтақавӣ, байнидавлатӣ ва сатҳи миллӣ муҳим дониста мешавад.

Дар таъмини амният ва суботи минтақаи Осиёи Марказӣ на танҳо давлатҳои абарқудрати ҷаҳонӣ нақши худро мегузоранд, ҳамзамон кишварҳои минтақа низ дар самти мубориза бо терроризм ва экстремизм захираҳои зарурӣ доранд: ҷойгиршавии геополитикӣ ва мавқеи ҷуғрофии минтақа, мавҷудияти хусусиятҳои фарҳангию таърихӣ, заминаи мустаҳками ҳуқуқӣ ва ниҳодии мубориза бо терроризм ва экстремизм; узвияти давлатҳои минтақа дар бисёр созмонҳои ҳамгироии минтақавӣ ва байналмилалӣ оид ба мубориза бо терроризм ва экстремизм. Заминаи меъёрию ҳуқуқии мубориза бо терроризм низ такмили доимиро тақозо мекунад. Бинобар ин метавон гуфт, ки раванди институтсионалии мубориза бо таҳдидҳо минбаъд низ қавӣ гардонида мешавад ва пайваста мариди таҳиқиқи амиқ қарор мегирад.

## ХУЛОСА

### 1. Натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия

Таҳлили илмии ҳамаҷониба ва амиқи масъалаи таъмини амнияти минтақавӣ дар Осиёи Марказӣ ба мо имкон дод, ки хулосаҳои мушаххаси зеринро пешниҳод намоем:

1. Бо боварии том метавон гуфт, ки дар илми муосир равиши ягонаи омӯзиши моҳият ва хусусиятҳои таҳдидҳо, алалхусус терроризм ва экстремизм, мавҷуд нест. Таҳлили асосҳои назариявӣ ва методологии таҳдидҳо ба амнияти минтақавӣ нишон дод, ки имрӯз мафҳуми умумипазируфташуда ва универсалии таҳдидҳо, терроризм ва экстремизм вуҷуд надорад. Сарфи назар аз назарияҳои сершуморе, ки дар асоси равишҳои институтсионалӣ, рафторӣ, иҷтимоӣ ва сохторӣ-функсионалӣ таҳия шудаанд, мубориза бо ин таҳдидҳо ҳамчунон вазифаи мураккаб ва бисёрҷанба боқӣ мемонад. Гуногунии равишҳои илмӣ мушкилоти эҷоди усулҳои муассир ва ҳамаҷонибаи мубориза бо ин таҳдидҳоро, ки муносибати ҳамаҷониба дар сатҳи байналмилалиро тақозо менамояд, таъкид мекунад. Ба андешаи мо, барои омӯзиши таҳдидҳо, аз қабили терроризм ва

экстремизм, нисбатан самараноктар равиши институтсионалӣ мебошад, ки таҳлили институтҳои сиёсиро тавассути санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва санадҳои танзимкунандаи фаъолияти онҳо дар бар мегирад. Истифодаи равиши институтсионалӣ имкон медиҳад, ки терроризм ва экстремизмро ҳамчун падидаҳои иҷтимоӣ баррасӣ кунем, ки сохтор доранд ва дар доираи механизмҳои муайяни институтсионалӣ амал мекунанд. Ба таври институтсионӣ мубориза намудан бар зидди терроризм таъсиси сохторҳои махсусгардонидашударо дар бар мегирад, ки ба ҳамоҳангсозӣ ва таҳкими чораҳои зиддитеррористӣ дар сатҳҳои гуногун нигаронида шудаанд.

2. Баъди пошхӯрии Иттиҳоди Шуравӣ ва тағйирёбии тартиботи ҷаҳонӣ, кишварҳои Осиёи Марказӣ истиқлолияти давлатии худро эълон намуда, дар роҳи ташаккули давлатдории миллӣ гомҳои аввалини худро гузоштанд. Мутаассифона, дар шароити соҳибистиқлолии давлатҳои минтақа як қатор таҳдиду хатарҳое пайдо шудаанд, ки амният ва суботи кишварҳои мазкурро зери хавфу хатари ҷиддӣ қарор додаанд. Дар байни онҳо терроризм ва экстремизм таҳдиди воқеӣ ба амнияти миллии кишварҳои минтақа ба шумор мераванд. Айни замон аз ҷониби мақомоти судии давлатҳои Осиёи Марказӣ номгӯи мушаххаси ташкилотҳои террористию экстремистӣ таҳия карда шудаанд. Мутаассифона, созмонҳои террористии мазкур дар фазои сиёсию идеологии минтақа фаъолияти густурда ба роҳ монда, марҳила ба марҳила аз ҳисоби шаҳрвандони давлатҳои Осиёи Марказӣ сафҳои худро пурра месозанд. Тули солҳои охир бо тавсеаи истифодаи технологияҳои иттилоотӣ бо суръати баланд тарғибу ташвиқ гардидани ғояҳои тундгароӣ мушоҳида мегардад.

Ғайр аз ин, дар моҳи августи соли 2021 баъди ба сари қудрат омадани ҳаракати «Толибон» вазъият дар минтақаи Осиёи Марказӣ беш аз пеш муташанниҷ гардида истодааст. Хавфи ба лонаи террористон табдил ёфтани ҳудудҳои Афғонистон ва ба кишварҳои Осиёи Марказӣ интиқол дода шудани низоъҳои мусаллаҳона ба миён омадааст. Чунин вазъ тақозо менамояд, ки ҷиҳати

пешгирии амалҳои террористӣ ва коҳиш додани таъсири фаъолияти экстремистии созмонҳои тундгаро чораҳои иловагӣ андешида шаванд. Бо ин мақсад, тули чанд соли охир давлатҳои Осиёи Марказӣ фаъолияти зиддитеррористии худро пурзӯр намуда, дар доираи созмонҳои минтақавию байналмилалӣ ба ҳамкориҳои густурдата эҳтиёҷ доранд [6-М]; [9-М].

3. Имрӯзҳо, дар самти мубориза бар зидди терроризм, экстремизм, сепаратизм, қочоқи маводи мухаддир ва дигар чолишҳои хатарзо созмонҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ нақши калидӣ доранд. Дар ин замина, кишварҳо дар доираи созмонҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ ҳамкориҳои худро тавқият дода, бар зидди гурӯҳҳо ва созмонҳои алоҳидаи террористӣ ва экстремистӣ мубориза бурда истодаанд [10-М]. Ҳамгироии кишварҳои минтақа дар ин самт дар доираи СММ басо назаррас дониста мешавад. Ҳамчунин, бо риояи қатъии талаботи қатъномаҳои Шурои Амнияти Созмони Милали Муттаҳид ҳар сол ба Кумитаи зиддитеррористии Созмони Милали Муттаҳид гузоришҳои миллиро дар бораи фаъолиятҳои дар самти мубориза бо терроризм ва экстремизм анҷомдодашуда аз ҷониби онҳо пешниҳод карда мешавад [7-М]; [8-М]. Дар шароити ҷаҳонишавӣ ва афзояндаи таҳдидҳои байналмилалӣ кишварҳои Осиёи Марказӣ дар ҳамкории фаъолона байни худ ва ҳамчунин ба созмонҳои байналмилалӣ барои эҷоди механизмҳои муассири мубориза бо ин таҳдидҳо саҳми назаррас доранд. Шарикӣ дар доираи созмонҳо, аз қабили Созмони ҳамкории Шанхай, Созмони Аҳдномаи амнияти дастҷамъӣ, Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил ва дигар иттиҳодияҳои минтақавӣ ба таҳкими институтҳо ва рушди заминаи қонунгузории мубориза бо терроризм ва экстремизм мусоидат мекунад. Таъсиси марказҳои зиддитеррористӣ ва табодули иттилоъоти иктишофӣ имкон медиҳад, ки талошҳои кишварҳои минтақа дар мубориза бо ин таҳдидҳои ҷаҳонӣ ҳамоҳанг шаванд.

Кишварҳои Осиёи Марказӣ дар самти мубориза бо терроризм ва экстремизм ба ҳамкориҳо бо кишварҳои узви Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил таваҷҷуҳи хоса

зоҳир мекунанд. Аз замони таъсиси ИДМ мубориза бо таҳдидҳои замони муосир ҳамчун як фаъолияти дастаҷамъии кишварҳои узви он расман шинохта шуда, дар Оинномаи созмон дарҷ карда шудааст. Дар доираи Иттиҳод як қатор барномаҳои муштарак таҳия ва татбиқ шудаанд, ки ба мубориза бо ҷинояткории муташаккил ва дигар хатарҳо дар ҳудуди давлатҳои аъзо нигаронида шудаанд. Дар вокуниш ба афзоиши хатари терроризм ва экстремизм дар соли 2000 Маркази зиддитеррористии ИДМ таъсис дода шуд, ки унсури муҳимми ҳамоҳангсозии талошҳои кишварҳои узв дар муқобила бо таҳдиди террористӣ ва экстремистӣ гардид. Татбиқи ин санадҳо ва созишномаҳо дар мубориза бо терроризм, бояд натиҷаи зарурӣ бахшад [8-М].

Дар мубориза бо таҳдидҳои замони муосир ва нишон додани ташаббусҳо оид ба баланд бардоштани самаранокии ҳамкории кишварҳои узв дар ин самт Созмони Аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ саҳми назаррас дорад. Айни замон нигаронии давлатҳои Осиёи Марказӣ дар чаҳорчӯби СААД аз он иборат аст, ки оқибатҳои даргириҳои мусаллаҳона дар Афғонистон то ҳадди ақал коҳиш дода шавад, ҳузури созмонҳои террористӣ дар ин кишвар ва эҳтимолан ба Осиёи Марказӣ интиқол ёфтани онҳо пешгирӣ гардад [4-М].

4. Мисоли дигари барҷастаи ҳамкории самарабахши байналмилалии кишварҳои Осиёи Марказӣ дар мубориза бо таҳдидҳои замони муосир, аз ҷумла терроризм ва экстремизм дар чаҳорчӯби Созмони ҳамкории Шанхай дониста мешавад. СҲШ дар марҳилаи кунунӣ ҷиҳати мубориза бар зидди терроризм, фундаментализми исломӣ, сепаратизм ва созмонҳои экстремистӣ нақши калидӣ мебозад. Сохтори минтақавии зиддитеррористии СҲШ на танҳо ба муттаҳидсозии талошҳо, балки ба ҳамоҳангсозии амалҳои кишварҳои узв дар посух ба ин чолишҳо, таъмини муқовимати бештари муассир ба таҳдидҳои амниятӣ дар Осиёи Марказӣ мусоидат мекунад. Кишварҳои узви СҲШ барои мубориза бо терроризм заминаи мустаҳками меъёрию ҳуқуқӣ фароҳам

овардаанд, ки тадбирҳои ҳамоҳангшудаи зиддитеррористиро дар қаламрави онҳо пешбинӣ мекунад [3-М].

5. Давлатҳои абарқудрат аз қабили Россия, ИМА ва Чин се бозингарони асосӣ дар минтақа дониста шуданд. Ҳар кадоме кӯшиш бар он менамояд, ки дар минтақа ҷойгоҳи хосаро дошта бошад, то ки тавонад аз манфиатҳои худ ҳифозат кунад. Зеро, ба андешаи муҳаққиқони соҳа, минтақа аз лиҳози геополитикӣ барои давлатҳои абарқудрат басо муҳим арзёбӣ карда мешавад. Агар ба муносибатҳои давлатҳои абарқудрат дар минтақа назар афканем, мебинем, ки дар минтақа аз лиҳози ҳарбию низомӣ Россия нисбат ба дигар абарқудратон комилан пешсаф аст, зеро вай ягона кишваре мансуб меёбад, ки пойгоҳҳои худро дар минтақа ҷойгир намуда, ҳамкориҳои дуҷониба ва бисёрҷонибаро дар доираи созмонҳои минтақавӣ хуб ба роҳ мондааст. Умуман, таърихи муносибатҳои кишварҳои минтақа бо Россия ҳанӯз аз охирҳои асри XVIII шуруъ гардида, дар даврони Шуравӣ шакли муайянеро соҳиб гардид ва айни замон баъди соҳибистиқлолии кишварҳои минтақа дар ҳоли рушд қарор дорад. Бояд зикр намуд, ки имрӯзҳо Россия дар таҳкими амнияти минтақавӣ нақши калидӣ мебозад. Гарчанде, ки кишварҳои минтақа дар алоҳидагӣ қобилияти истодагарӣ намудан бар зидди таҳдидҳои замони муосир, аз ҷумлаи терроризм ва экстремизмро дороанд [7-М].

6. Консепсияи «неруи нарм»-и Россия, ИМА ва Чинро таҳлил намуда ба хулоса расидем, ки мавҷудияти неруи нарм, аз як тараф, ба таҳкими ҳамкориҳои байни давлатҳо, фароҳам овардани заминаҳои ҳамкориҳои устувор дар соҳаҳои фарҳанг, иқтисодиёт ва маориф мусоидат намояд. Аз тарафи дигар, истифодаи «неруи нарм» метавонад дар пешбурди манофеи геополитикӣ дар баъзан мавридҳо боиси ташаннуҷ ва рақобат миёни кишварҳо гардад. Дар шароити фазои сиёсии кишварҳои Осиёи Марказӣ, Россия фишангҳои неруи нарми худро бештар ба пайвандҳои таърихӣ ва фарҳангӣ равона сохтааст ва забони русиро фаъолона тарғиб намуда, барномаҳои таълимӣ ва табодули фарҳангиро рушд медиҳад. ИМА ба тарғиби арзишҳои демократӣ, татбиқи лоиҳаҳои таълимӣ ва

башардӯстона, инчунин фароҳам овардани имкониятҳо барои ташаббусҳои ҷавонон диққати махсус зоҳир намудааст. Чин дар доираи стратегияи худ бо номи «Як камарбанд - як роҳ» ба ҳамкориҳои иқтисодӣ, рушди лоиҳаҳои инфрасохторӣ ва пешбурди барномаҳои фарҳангӣ тавассути шабакаи институтҳои забон ва фарҳанги чинӣ такмил медиҳад. Ин равишҳо имкон медиҳанд, ки «неруи нарм» барои таҳкими нуфузи абарқудратҳо дар минтақа бо ҳадди ақали зарурати дахолати мустақими сиёсӣ ё низомӣ самаранок истифода шавад.

Сарфи назар дастовардҳо, мубориза бо терроризм ва ифротгароӣ дар Осиёи Марказӣ як вазифаи мураккаб ва бисёрсоҳавӣ боқӣ мемонад. Ин на танҳо ҳамоҳангсозии ҳарбӣ ва ҳифзи ҳуқуқ, балки саъю кӯшишро барои таҳкими асосҳои ҳуқуқӣ ва институтсионалӣ, беҳтар намудани амнияти шаҳрвандон ва баланд бардоштани маърифати шаҳрвандӣ тақозо мекунад. Минтақа бо мушкилоти афзояндаи ифротгароии ҷавонон, рушди шабакаҳои ҷиноии фаромиллӣ ва афзоиши нақши созмонҳои террористии байналмилалӣ рӯбарӯ аст. Аз ин лиҳоз, рушди ҳамкориҳои самарабахши кишварҳои минтақаро ва шарикони байналмилалӣ густариш дода, барои ҳамгироии сиёсати зиддитеррористӣ, стратегияҳои миллӣ ва пайваста мутобиқ кардани равишҳо ба чолишҳои нав фаъолона корбарӣ намудан мувофиқи мақсад мебошад. Осиёи Марказӣ як ҳалқаи муҳимми низоми амнияти байналмилалӣ боқӣ мемонад ва дар мубориза бо таҳдидҳои терроризму экстремизм, ки муносибати ҳамаҷониба ва бисёрҷонибаи кишварҳоро тақозо мекунад, нақши ҳалкунанда мебозад.

## 2. Тавсияҳо барои истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот

Дар асоси хулосабарориҳои илмӣ, пас аз таҳқиқи воқеияти таҳдидҳои замони муосир, алалхусус терроризм ва экстремизм дар минтақаи Осиёи Марказӣ бармеоянд, ки чунин тавсияҳои хосияти амалидошта пешниҳод мегарданд:

– таҳдидҳои терроризм ва экстремизм дар замони муосир тадриҷан ба шароити навин мутобиқ шуда, шаклҳои зоҳиршавии худро тағйир медиҳад. Созмонҳо ва ташкилотҳои террористию экстремистӣ кӯшиш менамоянд, ки роҳу

усулҳои навинро барои татбиқ намудани мақсадҳои худ истифода намоянд. Дар чунин шароит такмили қонунгузорӣ, дарёфти роҳу усулҳои нави мубориза бо ин зуҳурот, ниҳодикунонии фаъолияти зиддитеррористӣ ва пайваста баргузор намудани конференсияҳои сатҳи ҷаҳонӣ барои дарёфти роҳу усулҳои навини мубориза ва мубодилаи таҷриба зарур дониста мешавад. Чунин амалҳо дар сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мушоҳида мерасад ва онро дар якҷоягӣ бо давлатҳои Осиёи Марказӣ идома додан лозим аст;

– бо назардошти таҳдидҳои мавҷудаи созмонҳои террористӣ ва экстремистӣ, таҳияи рӯйхати ягонаи созмонҳо ва ташкилотҳои террористӣ ва экстремистӣ аз ҷониби кишварҳои минтақа мувофиқи мақсад дониста мешавад. Мавҷуд будани рӯйхати ягона самаранокии фаъолиятҳои зиддитеррористии кишварҳои минтақаро зиёд мегардонад ва натиҷаҳои назаррас ба даст оварда мешавад;

– муборизаи муштарак бар зидди зуҳуротҳои номатлуб ва нобуд сохтани ячейкаҳои хуфтаи онҳо бо истифодаи методҳои муосир дар қаламрави минтақа. Дар ин самт тақвияти ҳамкориҳои минтақавӣ пурзӯр карда шуда, мубодилаи маълумот миёни кишварҳо дар сатҳи зарурӣ ба роҳ монда шавад;

– кишварҳои минтақа, аз ҷумла Тоҷикистон, ҷонибдори истифодаи меъёрҳои ягона дар мубориза бо терроризм ва экстремизм мебошанд. Ҳукумати мамлакат ва бахусус сарвари давлат бо сиёсати дугонаи фаъолияти зиддитеррористӣ доимо ибрози андеша намуда, онро яке аз монеаҳои ҷиддӣ дар самти муқовимат бо ин зуҳурот меномад. Бояд дар сатҳи ҳамкориҳои байнидавлатӣ ҳамаи кишварҳои минтақаи Осиёи Марказӣ аз ин сиёсат ҷонибдорӣ намоянд ва ҳама гуна муносибати дугонаро нисбат ба терроризм ва экстремизм маҳкум созанд;

– таҳлил ва пажӯҳишҳо оид ба терроризм ва экстремизм дар Осиёи Марказӣ, аз ҷумла омӯзиши омилҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва сиёсӣ, ки ба ифротгароӣ мусоидат мекунанд, муҳим аст. Марказҳо ва институтҳои махсуси илмӣ ташкил намуда, таҳдидҳоро мавриди омӯзиш ва назорат қарор дода, роҳҳои ҳал ва бартараф намудани онҳоро пешниҳод намудан мувофиқи мақсад мебошад;

– бо дарназардошти аҳамияти суботу амният дар минтақа, бояд нуфуз ва нақши қудратҳои бузурги ҷаҳонӣ, назири Россия, ИМА ва Чин ба назар гирифта шавад. Абарқудратҳои болозикр тавассути манфиатҳои иқтисодӣ, сиёсӣ ва низомии худ ба амнияти минтақа таъсири назаррас доранд. Дар робита ба ин, ҷалби фаъолонаи ин давлатҳо ба форматҳои минтақавии ҳамкорӣ ва муколама барои таъмини амният муҳим аст. Зарур шуморида мешавад, ки, барои самаранокии ҳамкориҳо дар доираи ИДМ, СҲШ ва СААД роҳу усулҳои нави мубориза бар зидди таҳдидҳои замони муосир таҳия карда шаванд, ки дар онҳо кишварҳои минтақа амалҳои худро бо бозигарони бузурги ҷаҳонӣ ҳамоҳанг созанд. Ҳамчунин тавсия дода мешавад, ки равобити дипломатӣ бо ин кишварҳо барои ҷилавгирӣ аз таъсири якҷониба ва таъмини мувозинати манофеъ, ки ба суботи дарозмуддат дар минтақа мусоидат мекунад, тақвият дода шавад;

– ҷанбаи муҳимми таъмини амнияту субот дар Осиёи Марказӣ истифодаи «неруи нарм» аз ҷониби қудратҳои бузурге чун Россия, ИМА ва Чин документ дониста мешавад. Ин кишварҳо барои таҳкими нуфузи худ дар минтақа аз василаҳои фарҳангӣ, маориф ва иқтисодӣ фаъолона истифода мекунанд. Бояд ба назар гирифт, ки таҳияи лоиҳаҳои башардӯстона, бурсияҳо барои донишҷӯён, дастгирии чорабиниҳои фарҳангӣ, инчунин татбиқи ташаббусҳои бузурги иқтисодӣ метавонад ба таҳкими ҳамкориҳои дарозмуддат ва паст кардани сатҳи ифротгароӣ мусоидат кунад. Аз ин лиҳоз, кишварҳои минтақа бояд ҳамкориҳои мутақобиларо бо ин қудратҳо дар самти ҳамкориҳои башардӯстона фаъол созанд ва ҳамзамон ташаббусҳои фарҳангию маърифатии худро барои нигоҳ доштани тавозуни таъсир ва ҳифзи манфиатҳои миллии худ густариш диҳанд.

## РӮЙХАТИ АДАБИЁТ:


[1]. Ожегов, С.И. Толковый словарь русского языка. 4-е изд. [Текст] / С.И. Ожегов, Н.Ю. Шведова – М.: А ТЕМП, 2006. – С.785.

[2]. Паёми Пешвои миллат, Президенти Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 20.01.2016 [Захираи электронӣ]. – URL: http://president.tj/node/10585 (Санаи муроҷиат: 25.02.2020).

[3]. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 26.12.2018 [Захираи электронӣ]. –URL: http://president.tj/node/19088 (санаи муроҷиат: 26.02.2020).

[4]. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. Ҷилди 1 [Матн]. - Душанбе, 2008. - 950 с.

[5]. Nye, J. S. Notes for a Soft Power Research Agenda [Text] / J. S. Nye // Power in World Politics / ed. by F. Berenskoetter, M. J. Williams. – London: Routledge, 2007. – P. 162–172.

[6]. The New Shorter Oxford English Dictionary on Historical Principles. Vol. 2. – Oxford: Clarendon Press, 1993. – P. 3290.

## ФЕҲРИСТИ ИНТИШОРОТИ МУАЛЛИФ ДОИР БА МАВЗУИ ДИССЕРТАТСИЯ

### I. Мақолаҳо дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

[1-М]. Тошов, Ҳ. М., Бедилов, Ҳ. К. Хусусиятҳои вазъи фазои геополитикӣ ва амнияти кишварҳои Осиёи Марказӣ [Матн] / Ҳ. М. Тошов, Ҳ. К. Бедилов // Авҷи Зуҳал. Маҷаллаи илмӣ-амалии МДТ «ДДТТ ба номи Абӯалӣ ибни Сино». – Душанбе, 2019. – № 4. – С. 189–195. – ISSN: 2616-5252.

[2-М]. Тошов, Ҳ. М. Ҳамкории кишварҳои Осиёи Марказӣ бо Созмони Милали Муттаҳид дар таҳкими амнияти минтақавӣ [Матн] / Ҳ. М. Тошов // Тоҷикистон ва ҷаҳони имрӯз. Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2021. – № 1 (73). – С. 87–96. – ISSN: 2075-9584.

[3-М]. Тошов, Ҳ. М., Бедилзода, Ҳ. Ҳамкории кишварҳои аъзои СҲШ дар таҳкими фазои амниятии минтақаи Осиёи Марказӣ [Матн] / Ҳ. М. Тошов, Ҳ. Бедилзода // Ахбори институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. – Душанбе, 2021. – № 2. – С. 117–120. – ISSN: 0235-005X.

[4-М]. Тошов, Ҳ. М. Нақши Созмони Аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ дар самти мубориза бо терроризм ва экстремизм дар минтақаи Осиёи Марказӣ [Матн] / Ҳ. М. Тошов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, бахши илмҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – Душанбе, 2023. – № 1. – № 3–4 (3–4). – С. 273–279. – ISSN 2413-5151.

## II. Мақола ва фишурдаи интишорот дар маҷаллаҳои илмӣ ва маҷмуаи маводди конференсияҳои ҷумҳуриявӣ:

[5-М]. Тошов, Х. М., Бедилзода, Х. Укрепление дружбы народов – важный фактор совершенствования национальных отношений [Текст] / Х. М. Тошов, Х. Бедилзода // Вестник педагогического университета, серия философские науки. – Душанбе, 2021. – С. 172–176. – ISSN: 2710-4672.

[6-М]. Тошов, Ҳ. М., Бедилзода, Ҳ., Айдархонзода, Ш. А. Амнияти Осиёи Марказӣ вобаста ба таҳдидҳо ва чолишҳои замони муосир [Матн] / Ҳ. М. Тошов, Ҳ. Бедилзода, Ш. А. Айдархонзода // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ, бахши илмҳои фалсафӣ. – Душанбе, 2022. – № 1 (5). – С. 109–114. – ISSN: 2710-4672.

[7-М]. Тошов, Ҳ. М. Нақши давлатҳои абарқудрат дар таҳкими амнияти минтақаи Осиёи Марказӣ [Матн] / Ҳ. М. Тошов // Маводҳои конференсияи байналмилалӣ дар мавзуи «Ҳамкориҳои Иттиҳоди Аврупо бо давлатҳои Осиёи Марказӣ: ҳолат ва дурнамои рушд». – Душанбе, 2022. – С. 97–104.

[8-М]. Тошов, Ҳ. М. Таҳкими амнияти минтақавии Осиёи Марказӣ дар доираи Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил [Матн] / Ҳ. М. Тошов // Маводҳои конференсияи илмӣ-назариявӣ дар мавзуи «Илми муосири тиб: одатҳо ва иновацияҳо». – Душанбе, 2022. – С. 485–487.
[9-М]. Тошов, Ҳ. М. Фаъолияти гурӯҳҳои террористиву экстремистӣ дар кишварҳои минтақаи Осиёи Марказӣ [Матн] / Ҳ. М. Тошов // Маводҳои конференсияи илмӣ-назариявӣ дар мавзуи «Уфуқҳои нав дар илм, таҳсилот ва амалияи тиб». – Душанбе, 2024. – С. 352–353.
[10-М]. Тошов, Ҳ. М. Омилҳои таҳдидкунанда ба амнияти минтақавии Осиёи Марказӣ [Матн] / Ҳ. М. Тошов // Маводҳои конференсияи илмӣ-назариявӣ дар мавзуи «Уфуқҳои нав дар илм, таҳсилот ва амалияи тиб». – Душанбе, 2024. – С. 353.

## АННОТАТСИЯ

**ба диссертатсияи Тошов Ҳоҷиакбар Муҳидинович дар мавзуи «Масъалаҳои таъмини амнияти минтақавӣ дар Осиёи Марказӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯи ихтисоси 6D050200 – Сиёсатшиносӣ (6D050204 - Проблемаҳои сиёсии муносибатҳои байналмилалӣ, инкишофи глобалӣ ва минтақавӣ)**

**Калидвожаҳо:** Таҳдидҳои замони муосир, амнияти минтақавӣ, таҳкими амният, терроризм, экстремизм, ҷиноятҳои муташаккил, фаъолияти зиддитеррористӣ, созмонҳои террористиву экстремистӣ, қочоқи маводи мухаддир, аслиҳа, ҷинояткории фаромиллӣ, хариду фуруши одамон, амнияти дастаҷамъӣ, давлатҳои абарқудрат, мубориза муштарак.

Мақсади асосии таҳқиқотро омӯзиш ва таҳлили васеи масъалаҳои таъмини амнияти минтақавӣ дар мисоли Осиёи Марказӣ ташкил менамояд.

Дар таҳқиқоти мазкур мафҳум, моҳият ва хусусиятҳои таҳдидҳои минтақавӣ, алалхусус терроризм ва экстремизм таҳқиқ гардида, фаъолияти гурӯҳҳои террористиву экстремистӣ дар минтақаи Осиёи Марказӣ, нақши созмонҳои минтақавӣ, ба монанди ИДМ, СААД, СҲШ, дар таҳкими амнияти минтақаи Осиёи Марказӣ дар шароити ҳозира, ҷойгоҳи давлатҳои абарқудрат дар таъмини амнияти минтақа мавриди таҳқиқ ва омӯзиш қарор дода шудааст.

Асосҳои методологии таҳқиқотиро методҳои таҳлили системавӣ, муқоисавӣ, рафторӣ, институтсионалӣ ва навъбандӣ ташкил медиҳад.

Масъалаҳои алоҳидаи навгонии илмии таҳқиқотро ба таври зерин баррасӣ гардидаанд: мафҳум ва моҳияти таҳдидҳо, аз ҷумла терроризм ва экстремизм дар заминаи таҳлили васеи консепсияҳои гуногуни илмӣ мавриди баррасӣ қарор дода шудаанд; таҳдидҳои фаъолияти созмону ҳаракатҳои террористиву экстремистии дар минтақаи Осиёи Марказӣ мавҷуда, ки дар шароити имрӯза бевосита ба амнияти минтақа таъсир мерасонанд, таҳлил карда шудаанд; нақши созмонҳои минтақавӣ, ба монанди ИДМ ва СААД, дар таҳкими амнияти минтақаи Осиёи Марказӣ ва ҳамкориҳои зиддитеррористии созмонҳои мазкур дар минтақа таҳқиқ шудаанд; мақом ва мавқеи СҲШ дар ҳифзи амнияти минтақавӣ ва мубориза бо таҳдидҳои замони муосир муайян карда шуданд; мавқеи давлатҳои абарқудрати ҷаҳонӣ, ба монандаи Россия, Чин ва ИМА, дар таъмини амнияти минтақа ва ҳамкориҳои дуҷониба бо кишварҳои минтақа баррасӣ шудааст; таъсири «неруи нарм»-и Россия, ИМА ва Чин муайян ва таҳлил гардида, оид ба дурнамои ҳамкориҳои кишварҳои минтақаи Осиёи Марказӣ дар самти мубориза бо таҳдидҳои замони муосир ва падидаҳои номатлуб натиҷагирӣ карда шудааст.

Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқотро дар таҳияи консепсияҳо ва стратегияҳои амнияти минтақавӣ, ҳамчунин дар таҳияи тадбирҳо оид ба мубориза бо таҳдидҳои терроризм ва экстремизм дар Осиёи Марказӣ истифода бурдан мумкин аст. Маводҳои рисоларо метавон дар фаъолияти мақомоти давлатӣ ва минтақавӣ, ки ба таҳкими амнияти дастаҷамъӣ ва ҳамоҳангсозии талошҳо барои мубориза бо таҳдидҳои фаромиллӣ нигаронида шудааст, истифода бурд. Натиҷаҳои таҳқиқот дар ҷараёни таҳияи барномаҳои таълимӣ ва китобҳои дарсӣ оид ба амнияти минтақавӣ, муносибатҳои байналмилалӣ ва мубориза бо таҳдидҳо, инчунин дар таълими фанҳои дахлдор дар муассисаҳои таълимӣ муфид буда метавонанд.

**АННОТАЦИЯ**

**на диссертацию Тошова Ходжиакбара Мухидиновича на тему «Вопросы обеспечения региональной безопасности в Центральной Азии», на соискание ученой степени доктора философии (PhD) - по специальности 6D050200 – Политология (6D050204 – Политические проблемы международных отношений, глобальное и региональное развитие).**

**Ключевые слова:** современные угрозы, региональная безопасность, укрепление безопасности, терроризм, экстремизм, организованная преступность, контртеррористическая деятельность, террористические и экстремистские организации, незаконный оборот наркотиков, оружие, транснациональная преступность, торговля людьми, коллективная безопасность, сверхдержавы, совместная борьба.

Основной целью исследования является всестороннее изучение и анализ вопросов обеспечения региональной безопасности на примере Центральной Азии.

В данном исследовании рассматриваются концепция, характер и особенности региональных угроз, в частности терроризма и экстремизма, а также деятельность террористических и экстремистских группировок в Центральноазиатском регионе. Анализируется роль региональных организаций, таких как СНГ, ОДКБ и ШОС, в укреплении безопасности региона в современных условиях, а также вклад сверхдержав в обеспечение региональной безопасности.

Методологической основой исследования выступают методы системного, сравнительного, поведенческого, институционального и классификационного анализа.

Отдельные вопросы научной новизны исследования рассматриваются следующим образом: понятие и сущность угроз, включая терроризм и экстремизм, широкого анализируются в контексте различных концептуальных подходов; проведена детальная идентификация современных угроз региональной безопасности, исходящих от экстремистских и террористических формирований в центральноазиатском регионе; осуществлена всесторонняя оценка эффективности антитеррористической деятельности ведущих региональных организаций, таких как СНГ и ОДКБ, в укреплении безопасности Центральной Азии; определены роль и значение ШОС в обеспечении региональной безопасности и противодействии современным угрозам; исследованы стратегические подходы глобальных акторов, таких как России, КНР, США к обеспечению безопасности в Центральной Азии, включая специфику их двусторонних отношений с странам региона; определено и проанализировано влияние «мягкой силы» России, США и Китая, а также сделаны выводы о перспективах сотрудничества стран Центральной Азии в борьбе с современными угрозами и негативными явлениями.

Рекомендации по практическому использованию результатов исследования могут быть применены при разработке концепций и стратегий региональной безопасности, а также при разработке мер по противодействию угрозам терроризма и экстремизма в Центральной Азии. Материалы диссертации могут быть использованы в деятельности государственных и региональных органов, направленных на укрепление коллективной безопасности и координацию усилий по борьбе с транснациональными угрозами. Результаты исследования могут быть полезны в процессе разработки образовательных программ и учебников по вопросам региональной безопасности, международных отношений и противодействия угрозам, а также в преподавании соответствующих дисциплин в учебных заведениях.

## ANNOTATION

**to the dissertation of Toshov Hojiakbar Muhidinovich on the topic «Issues of ensuring regional security in Central Asia», submitted for the degree of doctor of philosophy (PhD) - in the specialty 6D050200 – Political Science (6D050204 – Political problems of international relations, global and regional development).**

**Keywords**: modern threats, regional security, security enhancement, terrorism, extremism, organized crime, counter-terrorism activities, terrorist and extremist organizations, illicit drug trafficking, arms trafficking, transnational crime, human trafficking, collective security, superpowers, joint struggle.

The primary objective of the research is to conduct a comprehensive study and analysis of issues related to ensuring regional security, using Central Asia as a case study.

This study examines the concept, nature, and characteristics of regional threats, particularly terrorism and extremism, as well as the activities of terrorist and extremist groups in the Central Asian region. The role of regional organizations such as the CIS, CSTO, and SCO in strengthening regional security under contemporary conditions is analyzed, along with the contribution of global superpowers to regional security.

The methodological framework of the study includes systematic, comparative, behavioral, institutional, and classification analysis.

Certain aspects of the scientific novelty of the research are considered as follows: the concept and essence of threats, including terrorism and extremism, are comprehensively analyzed in the context of various conceptual approaches; a detailed identification of contemporary regional security threats posed by extremist and terrorist formations in the Central Asian region has been conducted; a comprehensive assessment of the effectiveness of counterterrorism activities carried out by leading regional organizations, such as the CIS and CSTO, in strengthening the security of Central Asia has been undertaken; the role and significance of the SCO in ensuring regional security and countering modern threats have been determined; the strategic approaches of global actors, such as Russia, China, and the United States, to security in Central Asia have been studied, including the specifics of their bilateral relations with the countries of the region; the influence of «soft power» exerted by Russia, the United States, and China has been identified and analyzed, and conclusions have been drawn regarding the prospects for cooperation among Central Asian countries in combating contemporary threats and negative phenomena.

Practical recommendations from the research findings can be applied in the development of regional security concepts and strategies, as well as in the design of measures to counter terrorism and extremism in Central Asia. The dissertation materials can be used in the work of state and regional bodies engaged in strengthening collective security and coordinating efforts to combat transnational threats. The research results may also be useful in developing educational programs and textbooks on regional security, international relations, and countering threats, as well as in teaching relevant disciplines in educational institutions.

**МИНИСТЕРСТВО ОБРАЗОВАНИЯ И НАУКИ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН**
**ТАДЖИКСКИЙ ГОСУДАРСТВЕННЫЙ ПЕДАГОГИЧЕСКИЙ УНИВЕРСИТЕТ ИМЕНИ САДРИДДИНА АЙНИ**

*На правах рукописи*

**УДК: 327 (5)**
**ББК: 66**
**Т- 76**

**ТОШОВ ХОДЖИАКБАР МУХИДИНОВИЧ**

# ВОПРОСЫ ОБЕСПЕЧЕНИЯ РЕГИОНАЛЬНОЙ БЕЗОПАСНОСТИ В ЦЕНТРАЛЬНОЙ АЗИИ

**АВТОРЕФЕРАТ**
диссертации на соискание ученой степени доктора философии (PhD) по специальности 6D050200 – Политология (6D050204 – Политические проблемы международных отношений, глобальное и региональное развитие)

**ДУШАНБЕ – 2025**

Диссертация подготовлена на кафедре политологии Таджикского государственного педагогического университета имени Садриддина Айни.

| | |
|---|---|
| **Научный руководитель:** | **Бедилзода Хусайн Кабут** – кандидат политических наук, доцент, начальник отдела политических проблем международных отношений Института философии, политологии и права имени А. Баховаддинова Национальной академии наук Таджикистана |
| **Официальные оппоненты:** | **Мухаммадзода Парвиз Абдурахмон** – доктор политических наук, профессор кафедры дипломатии и внешней политики Республики Таджикистан Таджикского национального университета.<br>**Кобилов Мухаббатшо Замирович** – доктор философии (PhD) - доктор по специальности международные отношения, декан факультета международных отношений Таджикского международного университета иностранных языков имени Сотима Улугзода. |
| **Ведущая организация:** | Бохтарский государственный университет имени Носира Хусрава |

Защита диссертации состоится 14 июня 2025 года, в 10:00 на заседании диссертационного совета 6D.ВАК-079 при Институте философии, политологии и права имени А Баховаддинова Национальной академии наук Таджикистана (734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 33).

С диссертацией можно ознакомиться в научной библиотеке имени Индира Ганди Национальной академии наук Таджикистана (734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки, 33) и на официальном сайте Института философии, политологии и права имени А Баховаддинова НАНТ (www.ifppanrt.tj).

Автореферат разослан «____» __________ 2025 года.

Учёный секретарь
диссертационного совета,
кандидат политических наук Н.Н. Сангинов

## Введение

**Актуальность темы исследования.** В современную эпоху различные угрозы оказывают значительное негативное влияние на безопасность, развитие общества и государства. Они подрывают основы государственной независимости, провоцируют социальные волнения и дестабилизируют политические, социальные и экономические сферы отдельных стран. Современная система глобальных угроз характеризуется беспрецедентным масштабом и комплексным воздействием на различные сферы социального бытия. Современные угрозы становятся все более комплексными и глобальными, оказывая влияние на различные сферы общества. Они охватывают такие явления и воздействующие факторы, как терроризм, экстремизм, незаконный оборот наркотиков и оружия, транснациональная преступность, торговля людьми и другие. В связи с этим изучение природы угроз и способов их устранения в современных условиях является актуальной научной проблемой.

В условиях современного цивилизованного мира усиливаются угрозы терроризма и экстремизма, оказывающие непосредственное влияние на повседневную жизнь человечества. Основатель мира и национального единства – Лидер нации, Президент Республики Таджикистан, уважаемый Эмомали Рахмон в январе 2016 года, представляя свое очередное послание, обратил внимание на проблему терроризма и экстремизма, подчеркнув следующее: «… сегодня терроризм и экстремизм представляют собой чуму современности, угрожающую безопасности мира и каждого гражданина, сопоставимую по масштабам опасности с ядерным оружием. Противодействие данным угрозам требует формирования атмосферы доверия, уважения взаимных интересов и объединения усилий всех стран мира перед лицом общей опасности» [2].

За последнее столетие человечество достигло значительных научных и технологических успехов. Однако параллельно с этим возникли серьёзные вызовы, такие как транснациональный терроризм, религиозный экстремизм и

этнический сепаратизм, которые представляют серьёзную угрозу для мирового сообщества. С конца прошлого века и в начале нынешнего века вопросы вопросы распространения терроризма и экстремизма, а также противодействие этим явлениям стали одними из наиболее актуальных как для отдельных государств, так и для международного сообщества, что обусловило их значимость в научных исследованиях.

Для правильного понимания понятия и сущности современных форм проявления угроз, особенно терроризма и экстремизма, необходимо провести более глубокий анализ этих вопросов, выявить причины их возникновения, распространения, а также механизмы предотвращения, устранения и полного искоренения.

В регион Центральной Азии проблема терроризма и экстремизма приобрела особую актуальность, оказывая негативное влияние на развитие региона. В ответ на эти вызовы государства региона, опираясь на международное и региональное сотрудничество, активно ведут борьбу с этими явлениями. В рамках данного процесса разработаны и приняты нормативно-правовые акты, программы и стратегии, направленные на укрепление взаимодействия между странами региона.

Деятельность отдельных террористических и экстремистских группировок на территории той или иной страны приводит к серьёзным последствиям, негативно влияя на безопасность государства и нации. В XXI веке угроза, исходящая от террористических и экстремистских организаций, остаётся значительной, особенно в условиях глобальной политической нестабильности. Центральноазиатский регион подвергается как прямым, так и косвенным угрозам со стороны различных группировок, чья деятельность признана незаконной на национальном и международном уровнях. С учетом этой ситуации настоящее исследование посвящено анализу деятельности ряда террористических и экстремистских организаций, включая «Исламское движение Узбекистана», «Аль-Каида», «Талибан», «Исламское государство»,

«Хизб-ут-Тахрир», «Братья-мусульмане», «Исламское движение Восточного Туркестана» и «Джамаат Ансаруллах».

